Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

13 сентябри соли 2003. Шанбе № 70 (12913)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 19.30 имзо гардид.

Шиносой бо Бухоро

БУХОРО. (Мухбири ЎзА Илҳом САФАРОВ хабар медиҳад). ***Шоҳи Малайзия Ҷаллолатмаоб Янг Ди-Пертуан Агонг XII Туанку Сайид Сирочиддин Сайид Путра Ҷамолуллайл ба шаҳри Бухоро ташриф овард.***

Шиносоии Шоҳи Малайзия бо шаҳри бостонӣ— Бухоро аз тамошои маҷмӯаи ёдгориҳои таърихии Пойи Калон сар шуд.

Ба меҳмон аз таърихи ин маҷмӯаи таърихӣ нақл намуданд. Масҷид дар асри VIII бино шудааст. Дар солҳои Шӯравӣ он ҳамчун анбор кор фармуда мешуд. Баробари фаро расидани истиқлолият имкониятҳои васеи муҳофизати қадриятҳои миллӣ ба вуҷуд омаданд. Дар арафаи 2500-солагии ҷашни шаҳри Бухоро бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар ин маҷмӯа як қатор корҳои ободонӣ, барқарорнамоӣ суръат гирифтанд. Ин масҷид дар тамоми Осиёи Марказӣ калонтарин аст.

Меҳмони оликадр аз мадрасаи Мири Араб, ки ба маҷмӯи Пойи Калон дохил мешавад, дидан намуд. Алҳол дар ин мадраса зиёда аз сад нафар донишҷӯён аз илми ислом ва дунявӣ баҳра мебардоранд. Дар ҷараёни шиносоӣ бо ин обидаи таърихӣ Шоҳи Малайзия қайд намуд, ки ӯ шоҳиди он мегардад, ки дар Ӯзбекистон қадриятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ғоявӣ эҳё мешаванд, дар ин ҷо ҳиҷати ҳифзи чунин қадриятҳо корҳои зиёд ба somon мерасанд, барои чуқур аз бар намудани донишҳои динӣ ва дунявӣ барои ҷавонон ҳама шароитҳо муҳайё карда мешаванд. Меҳмони оликадр ба донишҷӯён комёбиҳо дархост намуд.

Шоҳи Малайзия инчунин мадрасаҳои Тоқи заргарон, Абдулазизхон ва Улуғбек, қалъаи Арк, намоиши маҳсули дастони косибони Бухороро тамошо кард.

Сафари Шоҳи Малайзия ба Самарқанд

САМАРҚАНД. (Хабарнигори ЎзА Акбар ҚАРШИЕВ хабар медиҳад). ***Шоҳи Малайзия Аълоҳазрат Янг Ди-Пертуан Агонг XII Туанку Сайид Сирочиддин Сайид Путра Ҷамолуллайл, ки дар кишвари мо мебошад, ба Самарқанд омад.***

Меҳмони оликадр ҳангоми зиёрати масҷиди Имом Ал-Бухорӣ зикр намуд, ки малайзиягиён бо ном ва осори Имом Ал-Бухорӣ— ин донишманди бузурги илми ҳадис хуб шинос ҳастанд. Меҳмон бо таърихи масҷиди мазкур ошно гардид.

Ҳангоми салтанати Шӯроҳо масҷиди мазкур ба анбори нигоҳдории нуриҳои кимёвӣ мубаддал ёфта буд ва рӯ ба харобӣ меовард. Дар солҳои истиқлолият бо ташаббуси Президент Ислом Каримов дар ин ҷо дар мӯҳлати кӯтоҳ маҷмӯаи бузурге, ки нишонаи бунёдкории милливу бостонӣ ба шумор меравад, бунёд ёфт.

Меҳмони оликадр масҷидро тамошо кард ва дар китоби хотираи меҳмонони расмӣ соядаст гузошт.

Аълоҳазрат Шоҳ ҳамчунин дигар ҷойҳои торихии шаҳр, аз ҷумла масҷиди ҷомеи Бибихонум ва ансамбли меъмории Регистонро зиёрат намуд.

Ҳайати порлумони Италия дар Ӯзбекистон

Раиси Палатаи депутатҳои порлумони Италия Пер Фердинандо Казинӣ, ки аз мамлакати мо боздид менамояд, бо Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эркин Халилов гуфтугӯ намуд.

Зимни мулоқот масъалаҳои муносибати байни порлумонҳои Ӯзбекистон ва Италия муҳокима гардид.

Худи ҳамон рӯз П.Казинӣ бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Содиқ Сафоев мулоқот дошт.

Мавзӯи асосии сӯҳбати онҳо минбаъд инкишоф додани ҳамкории тарафайн буд. Ҷонибҳо ҳамчунин дар бобати вазъияти Афғонистон, таъмини амнияти минтақа, мустаҳкам намудани муборизаи зидди тероризми байналмилалӣ ва гардиши маводи нашъаовар мубодилаи афкор намуданд.

Н.ЎЛҶАБОЕВ,
хабарнигори ЎзА.

125 кг ҳероин ба даст афтод

Тавре ки аз маркази матбуоти Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурияти Ӯзбекистон хабар доданд, дар посгоҳи гумруки Ойбеки вилояти Тошканд ходимони соҳа якҷоя бо кормандони Кумитаи ҳимояи сарҳади давлатӣ ва Хизмати амнияти миллӣ 125 килограмм ҳероинро ба даст оварданд, ки онро бо автобуси «Икарус» гузарондан мехостанд. Нархи ин «марги сафед» дар бозор беш аз 9 миллион доллари ИМА мебошад. Дар ҳар як бастаи он навиштаҷоти «Аз Усом бин Лоден» ба назар мерасад. Ҳангоми муоинаи автобуси «Икарус» аз ҷониби ходимони гумрук дар даромадгоҳи ҳудуди мамлакати мо зоҳиран ҳеҷ чиз аз ин бор дарак намедод. Автобус аз вилояти Суғди Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба Федератсияи Русия равон гардида буд. Агарчи роҳхати он барои бурдани мусофирон муқаррар гаштааст ва ҳамчунин дигар хуччатҳо низ дуруст тартиб дода шуда буданд, дастпо хӯрдани ронандаи автобус диққати ходимони гумруккро ҷалб намуд.

Сабаби чунин рафтори ӯро сагҳои хидматие, ки махсус дар Маркази миллии кинологияи Кумитаи давлатии гумрук тарбия гирифтаанд, ошкор сохтанд. Бо кӯмаки сагҳо зарфи иловагии сӯзишворӣ, ки дар зери курсии ақиб пинҳон карда шуда буд, дарёфт гардид. Ҳангоми бо дастгоҳҳои махсус санҷидани он маълум шуд, ки дар дохилаш боз як баки дигар мавҷуд аст. Рониндаи, ки шаҳрванди Қирғизистон аст, ин ҳолро шарҳ дода наметавонист ва танҳо ҷавоб дод, ки ин бор аз ӯ нест ва танҳо аз вай хоҳиш карданд, ки молро то сохибаш расонад, ки дар ивазаш пул хоҳад гирифт.

Кори тафтишот барои маълум намудани соҳиби ҳероин оғоз ёфт. Ҳероин яке аз моддаҳои қавии психотроп ба ҳисоб меравад.

Беҳзод НОРБОЕВ,
хабарнигори ЎзА.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи бо ордени «Дӯстлик» мукофотонидани шаҳри Нуқус

Барои саҳми муносиб ба инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакати мо, ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар соҳаҳои зиёди ҳаёт дар шароити сахти экологӣ, кори бузург, ки аҳолии шаҳр дар умури мустаҳкам намудани дӯстӣ ва ҳамзистии байни тамоми миллатҳо ва халқҳое ба амал овардаанд, ки дар мамлакати мо сукунат доранд, эҳтиёткорона нигоҳ доштан ва ғанӣ сохтани арзишҳои миллӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва ба муносибати 70-солагӣ шаҳри Нуқус бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
И.КАРИМОВ.

ш.Тошканд, 11 сентябри соли 2003.



Дарвозаи шаҳр — вокзали роҳи оҳани Нуқус.

Суратгир: Т. ХОВАРӢ.

Аз аҳволи шаҳри Нуқус

Шаҳри Нуқус 250 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. Шаҳр 220 километри мукааб майдонро ишғол менамояд. Дар ҳайати шаҳр 3 деҳҳада ва 32 маҳалла мавҷуд аст. Дар шаҳр 26 корхонаи бузург ва бисёр корхонаҳои хурд ва миёнаи тиҷоратӣ амал мекунанд. Дар Нуқус 52 созмони бунёдкорӣ мавҷуд аст. Дар тӯли солҳои охир онҳо муассисаи маърифатии дорои 5500 ҷой ва муассисаҳои томактабиро барои 550 ҷой, шифохонаи дорои 130 кат, 4 бинои бонк, маркази савдо, хонаи радио, хатти троллейбус ва бисёр хонаҳои истиқоматиро бунёд намуданд.

Дар шаҳр бахши қароқалпоқистонии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, зиёда аз 10 муассисаи илмӣ, донишгоҳи давлатӣ, донишкадаи омӯзгорӣ, мактаби олии тиббӣ, филиали Донишкадаи давлатии аграрии Тошканд, 43 мактаби таълими ҳамагонӣ амал менамоянд. Дар ин ҷо маркази ёрии мувоқатии тиббӣ, филиали нукусии Донишкадаи акушерӣ ва гинекологӣ, шифохонаи махсусонидашудаи кӯдакона, бозигоҳи «Тӯрон», 49 майдончаи варзишии футбол ва ғайра, 42 золи варзишӣ, 10 мактаби бачагонаи варзишӣ, 6 майдони теннисбозӣ, ҳавзи шиноварии «Нуқус», театр ва осорхонаҳо мавҷуданд.

Оё ба мавсими ғунучин омодааанд?

Деҳконони вилоят, ки дар 110 ҳазор гектар замин пахта кишт намудаанд, имсол ният доранд, ки 275 ҳазор тонна пахта ба даст оварда ба давлат супоранд.

Агар натиҷаҳои пахтакории вилоятро дар солҳои охир мукоиса карда бинем, хулосаи аҷиб бармеояд. Агар дар ин ҷо як сол супориши шартномавӣ оид ба фурӯши пахта ба давлат иҷро гардад, дар соли оянда ҳатман ҳамин нишондиҳанда иҷро намешуд. Чаро? Оё ин на аз он гуҳохӣ медиҳад, ки аз муваффакияти сол ифтихор намуда, сатҳи масъулиятро дарҳол паст мекунанд?

Маҳз ҳамин масъала дар семинари машваратии пахтакорон, ки дар хоҷагии ширкатии ба номи С.Сегизбоеви ноҳияи Оққӯрғони вилояти Тошканд шуда гузашт, мавриди муҳокима қарор ёфт. Дар семинар оид ба зарурати додани эътибори бештар ба давраи охирини парвариши ниҳолҳои пахта, масъалаҳои омодагӣ ба ғунучини он нигаронда шуданд.

Семинари машваратӣ аз ҷониби Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Ҷӯрабеков сарварӣ шуд.

Дар семинар онҳое, ки ба сухан баромаданд, қайд намуданд, ки дар вилояти сабабҳои соли гузашта ба иҷро нарасидани нақшаи пахтакорон оддӣ аст. Қабл аз ҳама сабабаш дар он буд, ки на дар ҳама майдонҳои ба нақша гирифташуда пахта кишт гардид. Бар замми ин, миқдори ниҳолҳо ба ҳисоби ҳар гектар кам — андаряк 87 ҳазор бех буданд. Омили аз ҳама манфӣ ин аст, ки майдонҳо ба ғунучини мошинӣ тайёр карда нашуда буданд, дефолиатсия бесифат гузаронида шудааст. Дар натиҷа, қисми муайяни ҳосил талаф шуд.

Қайд гардид, ки соли равон аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ бо назардошти камбудиҳои дар соли гузашта ҷойдошта дар кори ташкили нигоҳубини ниҳолҳои пахтазори вилоят ёрии амалӣ расонда шуданд. Яъне муаммои таъмини хоҷагиҳо бо чигит, техника, рӯғанҳои молиданию сӯзишворӣ дар вақташ ҳаллу фасл шуданд. Аз рӯи ақидаи мутахассисон дар қисми асосии майдонҳои пахта нашъунамои ниҳолҳо дар ҳудуди меъёр аст. Дар ҳар як гектар 105 ҳазор ниҳоли пахта мавҷуд аст. Аз ҳама муҳимаш, усулҳои муфиди муборизаи бо касалиҳои растанӣ ва зараркунандагони он мавриди истифода қарор мегиранд, ки ин имкон медиҳад ҳосили мавҷуда талаф наёбад.

Соли ҷорӣ чил фоизи ҳосил бо ёрии мошинҳои пахтачин ҷамъоварӣ карда хоҳад шуд. Аллакай чунин майдонҳо ва вақти гузарондани дефолиатсия (баргрезонӣ) муайян карда шудааанд. Тадбирҳои мазкур бояд то 1 октябр ба итмом расонда шаванд. Барои ин дар хоҷагиҳо дефолиантҳои мавриди эҳтиёҷ, чил мошини дорупошандаи ОВХ бояд дастрас карда шаванд. Ҳамчунин зарур аст, ки корҳои омодагиро ба мавсими ғунучин суръат бахшида, мошинҳои пахтачинро пурра омодаи кор намоянд.

Дар ҷамъомад ҳокими вилоят У.Мирзоқулов баромад намуд.

Неъмат ДУШАЕВ,
мухбири ЎзА.

Ғаллаи кишвари мустақил

Пӯшида нест, ки ҳоли ҳозир Ӯзбекистон имконияти бузурге дар бобати ривоҷ додани соҳаи ғаллапарварӣ дорад. Сафи деҳқононе, ки аз ҳар гектар 70-80 сентнерӣ ҳосил мебардоранд, рӯз аз рӯз меафзояд. Қисме аз онҳо аз ҳар гектар то ба 100 сентнерӣ ҳосил мебардоранд. Бинобар фикри мутахассисон чуҳучӯҳои илмие, ки баҳри баланд бардоштани ҳосилнокӣ бурда мешаванд, ба вуҷуд овардани навъҳои истиқболноки гандум, ки ба иқлими кишвари мо мусоидат менамоянд, имконият медиҳанд, ки минбаъд ҳосилнокӣ аз ин ҳам зиёдтар бошад.

Ҳар як навигарӣ, ҳоҳ он хурд ва хоҳ бузург бошад, ба ҳаёт бо душвориҳо татбиқ мегардад. Аз ин нуқтаи назар сиёсати ба даст овардани истиқлолияти Ӯзбекистон нисбати ғалла, ки бо ташаббуси Президенти кишвари мо Ислом Каримов ба ҳаёт татбиқ мегардад, низ осон набуд. Зеро ба амалия татбиқ намудани ин саъю ҳаракати васеъмиқёс аз ҳар як нафар хоҳ он деҳқони оддӣ бошад, хоҳ мутахассис ва роҳбар масъулияти бузургро тақозо менамуд.

Дастоварди муҳими Ӯзбекистон — истиқлолияти ғалла ба истиқлолияти иқтисодии он вобаста буд. Нашриёти «Ӯзбекистон», Оҷонсии оид ба иттилоот ва интишороти Ӯзбекистон ба муносибати 12-умин солгарди истиқлолияти кишвари мо китоби наверо бо номи «Ғаллаи кишвари мустақил» аз чоп бароварданд. Дар китоб аз хусуси кори меҳнаткашони деҳот, ки дар шароитҳои душвор ба амал бароварда шудааст, фидокории онҳо дар роҳи мустаҳкам намудани истиқлолияти мо, сулҳ ва оромии кишвар, гул-гулшукуфии Ватан ҳикоя карда мешавад.

Ҳамчунин аз он хусус нақл карда мешавад, ки онҳо душвориҳо ва мушкилотҳои пешомадаро дар ин роҳ чи гуна бартараф сохтаанд. Омилҳои ҳарсола баланд бардоштани ҳаҷми ҳосили ғалла, афзудани ҳосилнокии он низ таҳлил карда мешаванд. Ақида ва андешаҳои деҳқонон ва мутахассисон аз хусуси комёбиҳои бадастомада ифодаи ҳудро ёфтаанд.

Албатта, тамоми корҳои баичрорасида, муваффақиятҳои дар тӯли ин солҳо дар соҳаи истиқлолияти ғалла ба дастомадаи кишварро дар як китоби хурд гунҷондан ҳеле мушкил аст. Шубҳае нест, ки дар ин мавзӯъ китобҳои зиёде таълиф мешаванд. Зеро халқи Ӯзбекистон маҳз дар солҳои истиқлолият соҳиби ҳосили ҳуд, нони ҳуд гардид, ин бошад ба сифати яке аз ғалабаҳои бузург мазмуну маъной чуқур ва аҳамияти бемисл дорад.

(ЎзА).

Муборакбодиҳои самимона

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Бинобар ҷашни Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз он хеле хушнудам, ки ба Шумо Аълоҳазрат муборакбодиҳои самимӣ ва хоҳишҳои гарму ҷӯшони ҳудро ирсол менамоям. Ба Шумо некӯӣ ва ба мардуми кишвари Шумо гул-гулшукуфиро таманно дорам.

АКИХИТО,
Императори Ҷопон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат, ҷаноби Президент!

Аз он хушнудам, ки муборакбодии самимии ҳудро ба Шумо Аълоҳазрат ва ба мардуми дӯсти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз номи халқи Сурияи Араб ва шахсан аз номи ҳудам бинобар ҷашни миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ирсол менамоям, ҳамчунин мехостам ба Шумо сиҳҳатмандӣ ва хушбахтӣ ва ба халқи Шумо пешрафти минбаъда ва гул-гулшукуфиро таманно намоям.

Эҳтиромӣ амиқи маро нисбати Шумо қабул намоед.

Башар АЛ АСАД,
Президенти Ҷумҳурияти Сурияи Араб.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Бинобар Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз он хушнуд ҳастам, ки ба Шумо, ҳукумати Шумо ва мардуми Шумо муборакбодиҳои гарму ҷӯшони ҳудро ва табрикоти Ҳукумат ва мардуми Сингапурро ирсол менамоям. Хоҳишмандам хоҳиши маро нисбати инкишофи минбаъда ва эътидоли кишвари Шумо ва мардуми Ӯзбекистон қабул фармоед.

С.Р.НАТАН,
Президенти Ҷумҳурияти Сингапур.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ман меҳоҳам аз номи халқ, Ҳукумати Мянма ва шахсан аз номи ҳудам муборакбодиҳои самимона ва орзуҳои неки ҳудро бинобар Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон изҳор намоям. Ба Шумо бехбудии шахсӣ ва ба мардуми Ҷумҳурияти Ӯзбекистон сулҳ ва гул-гулшукуфиро таманно дорам.

Генерал ТАН ШВЕ,
Раиси Шӯрои Давлатии сулҳ ва инкишофи Иттифоқи Мянма.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба Шумо ва мардуми Шумо муборакбодӣ ва саломи гарму ҷӯшони ҳудро бинобар ҷашни миллии мардуми Ҷумҳурияти Ӯзбекистон—Рӯзи истиқлолияти кишвар ирсол менамоям.

Мӯътақидам, ки муносибатҳои неки мо дар бобати дӯстӣ ва ҳамкории байни ду кишварамон идома меёбад ва аз фурсат истифода бурда, ба Шумо дар кори масъулиятнокатон, ки ба гул-гулшукуфӣ ва мӯътадилнокии кишваратон равона шудааст, комёбиҳои бузург таманно дорам.

Ким ЕН НАМ,
Раиси Маҷлиси Олии Мардумии Ҷумҳурияти Халқӣ-Демократии Кориё.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам ҷаноби Президент,

Ичозат фармоед аз номи халқҳои Сербия ва Черногория ва шахсан аз номи ҳудам ба Шумо ба муносибати ҷашни миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муборакбодиҳои самимона ва орзуҳои некамро дар бобати инкишофи ҳамаҷониба ва беҳбудии кишвари Шумо ирсол намоям.

Аз фурсат истифода бурда изҳори эътимод менамоям, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории барои кишварҳо ва мардумони мо муфид дар рӯҳи ҳамдигарфаҳмӣ баҳри сулҳ ва мӯътадилнокӣ дар тамоми ҷаҳон бомуваффақият инкишоф меёбанд.

Светозар МАРОВИЧ,
Президенти Сербия ва Черногория, Раиси Шӯрои Вазирони Сербия ва Черногория.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Бинобар Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз номи ҳукумати Малдив ва халқи он ба Шумо Аълоҳазрат, ҳукумат ва халқи бародари Ӯзбекистон муборакбодиҳои самимӣ ва орзуҳои неки ҳудро ирсол менамоям.

Аз фурсат истифода бурда ба Шумо саломатии мустаҳкам, ба мардуми Ӯзбекистон бошад, тараққиёт ва беҳбудиро таманно дорам.

Маъмун АБДУЛҚАЮМ,
Президенти Ҷумҳурияти Малдив.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Аз он зиёда хушнудам, ки ба Шумо Аълоҳазрат бинобар Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муборакбодиҳои самимӣ ва орзуҳои неки ҳудро равона менамоям.

Мӯътақид ҳастам, ки алоқаҳои дӯстонаи байни кишварҳои мо минбаъд низ инкишоф хоҳанд ёфт.

Аълоҳазрат, хоҳиши маро нисбати саломатии мустаҳкам, зиндагии дуру дароз ва хушбахтии Шумо қабул фармоед, ба халқи бародари Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бошад, беҳбудиро таманно менамоям.

Иаҷуддин АҲМАД,
Президенти Ҷумҳурияти Мардумии Бангладеш.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам ҷаноби Президент!

Амрикоиён 11 сентябр ҳамватанони ҳудро, ки ҳангоми амалиётҳои террористии соли 2001 фавтидаанд, бо эҳсоси ғаму дарди амиқ ва бо ҳурмати тамом ба ёд меоваранд. Вале дар он рӯз нафақат амрикоиён аз наздикони ҳуд чудо шуданд, мо дар хотир дорем, ки шаҳрвандони бисёр кишварҳои дигар низ қурбони ин амалиёт гардиданд. Ҳамватанони ман ва шахсан ҳуди ман ғаму ҳасрати шуморо ба ҳам мебинем ва бо Шумо дар эҳтиромӣ ёдбуди ҳамдиёрони Шумо, ки ҳангоми ин амалиётҳои террористӣ ҳалок шудаанд, ҳамроҳ мешавем.

Терористон меҳоҳанд, ки одамони осоиштаро дар микёси васеъ нобуд сохта дар дили онҳо эҳсоси тарсу ҳаросро ба вуҷуд ованранд. Онҳо ба тамаддун таҷовуз мекунанд, зеро роҳҳои осоишта ва оқилонаи ҳаллу фасли талошҳоро эътироф наменамоянд. Онҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои дигаронро қабул надоранд ва ба чунин суннатҳои дунёи мутамаддин, ҳамчун озодӣ, эҳтиромӣ байни якдигар ва сабру тоқат, ки ба ҳамаи мо барои он, ки зиндагонии сазовор дошта бошем, заруранд, хати бутлон мезананд.

Муборизаи барои бартараф сохтани тероризм муборизаи дуру дароз ва мушкил мебошад. Мо ин муборизаро барои мавҷудияти ҳуд ва барои зисту зиндагонии фарзандони хеш, ҳамчунин ба хотири қурбониёни террор ва барои таъкиди қадру қимати сарпурнашавандаи ҳаёти онҳо идома медиҳем.

Бо эҳтиром Ҷорҷ Буш,
Президенти ИМА.

Ба муносибати 70-солагии Нуқус

Бо омодагии пухта

Пойтахти зебои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон шаҳри Нуқус 70-сола шуд. Дар вақтҳои охир ба ҳусни шаҳр ҳусни нав зам гардид. Дар ҳар соҳа комёбиҳо ба назар мерасанд. Дар хусуси ҷашн вазири умури фарҳанги Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон Тамара Давлатмуродова чунин нақл мекунад.

—Вазорати улуми фарҳанги Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва ҳамаи муассисаҳои дар тасарруфи он буда бахри сазовор истиқбол гирифтани ҷашн як қатор тадбирҳои муҳим андешиданд. Осорхонаи давлатии ба номи Савитский аз таъмир баромад, атрофи он сабзу хуррам гардонда шуд. Дар Амфитеатри маркази шаҳр устодони санъати Қароқалпоқистон ва санъаткорони ҷавони шаҳри Тошканд ва ҳамаи вилоятҳо машҳҳо гузаронданд. Дастури ҷашнии «Шукуфон бош, пойтахти азизам», ки дар он эҳсоси муҳаббат ба Ватан ва истиқлолият тараннум мешавад, писанди иштирокдорони тантанаҳо ҳоҳад гашт. Суруду таронаҳо ситорагони санъати вилоятҳо ва шаҳри Тошканд садо медиҳанд. Дастури махсусе таҳти роҳбарии муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, сардиректори иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» Баҳодур Абдурахимов омода гаштааст. Ба гурӯҳи корӣ мутахассисони соҳибмалака гирд омадааند. Дар байни онҳо ходими шоистаи фарҳанги Қароқалпоқистон Эргаш Исломов, Илгиз Зупаров, Миркамол Назармуҳаммедов, Гулмира Мӯсоева, Дилфуза Турғунова, Хонзода Келдиёрова, Алишер Эшонхӯҷаев, Марат Ҳасанов ва дигарон ҳастанд, ки такя ба таҷрибаи бои онҳо судманд ҳоҳад буд. Иҷрогарони иқтидорнок Юлдуз Турдиева, Илҳом Ноимов аз вилояти Бухоро дар асоси ҳамбастагӣ бо ансамблҳои мусиқии халқӣ композитсияи «Тӯҳфаи Бухоро», ҷамоаи бадеии Қашқадарё композитсияи «Муборакбод», аз вилояти Самарқанд таҳти ҳамбастагӣ бо ҷамоаҳои бадеї-ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Мардон Мавлонов композитсияи «Мавриги»-ро намоиш ҳоҳанд дод. Ҳунарпешагони мардумии ҷумҳурӣ Ғуломҷон Ёқубов ва Фаррух Зокиров, барандаи мукофоти «Ниҳол» Дилноза Мирҳӯҷаева ва як гурӯҳ санъатворони ҷавон бо баромади пурмазмун ва шавқангезашон ба ҷашн шукӯҳи тозае мебахшанд. Озмун-азназаргузаронии беҳтарин иҷрогарони таронаҳои эстрадӣ бахшида ба 10-солагии маркази «Перзент»-и Қароқалпоқистон ва 70-солагии шаҳри Нуқус гузаронида мешавад. Ғолибони озмун дар намоишҳои дастур ҳуқуқи иштирок пайдо мекунанд. Тайёрӣ таҳти корбарии роҳбари бадеии дастури ҷашн, арбоби санъати Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон бастакор Начмиддин Муҳаммедов, саррежиссёр Бердибой Утебаев, сарбалетмейстр, ҳунарпешаи шоистаи Қароқалпоқистон Юсуп Абипов, саррассом, рассоми мардумии Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон Ислом Алибеков ва дигарон басо ҳуб аст. Бо ифтихор зикр карданием, ки халқамон 70-солагии шаҳри Нуқусро бо хурсандии бузург истиқбол кард. Қарору фармонҳои президент ва ҳукуматамон сидқидилона ба ҷо оварда мешавад, сана бо рӯҳбаландии бузург таҷлил мегардад. Ҳамаи ходимони фарҳанг ва аҳли санъати Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон бахри таъмини фаровонии зиндагӣ ва осудагии ёру диёр ҳамеша камарбастаанд.

Мухтасархон КАРИМОВА.

Шаҳри зебои 70-сола

Яке аз шаҳрҳои ҷавони мамлакатамон—Нуқус дар қисми марказии Қароқалпоқистон, дар соҳили рости Амударё ҷойгир аст. Аз Ҷануб ва Шарқ бо дашти Қизилқум, аз Шимол бо резишгоҳи Амударё ҳамсарҳад аст. Аҳолии шаҳр сермиллат буда, дар ин ҷо баробари қароқалпоқҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо, туркманҳо, русҳо, корейсҳо, тоторҳо, украинҳо, қирғизҳо ва намояндагони дигар миллатҳо дӯстона ҳаёт ба сар мебаранд. Ҳамаи онҳо, ки дар ҷамоаҳои меҳнатии амволдории давлатӣ, саҳҳомӣ, хусусӣ, ширкатӣ кор мекунанд, ба ҷашни 70-солагии ҷашни шаҳри хеш бо комёбиҳои калон омадааند. Аз намояндагии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар назди Ҳукумати ҷумҳурият дар хусуси ҷашни шаҳр, тӯҳфаҳои хоссаи он ба ҷашн чунин хабар доданд:

—Маълум аст, ки Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон 8 маи соли кунун «Дар бораи тайёрӣ ба ҷашни 70-солагии шаҳри Нуқус» қарори махсус қабул кард ва он бо назардошти нақши махсуси Нуқус дар рушди ҳаёти ҷамъиятиву иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакатамон таҳия гардид. Мувофиқи он охири соли кунун гузарондани ҷашни 70-солагии шаҳр пешбинӣ гардида буд.

Мувофиқи қарори мазкур Кумитаи тадорук созмон ёфта, ба зиммаи он амалӣ гардондани тадбирҳои зиёде гузошта шуд. Аз он ҷумла, корҳои зиёди ободонӣ ва бунёдкорӣ пешбинӣ гардид. Азбаски шаҳри Нуқус дар минтақаи аз нигоҳи экологӣ номусоид ҷойгир аст ва он бар асари хушкшавии баҳри Арал рух медиҳад, иҷрои корҳо бо назардошти ана ҳамин вазъият аҳамияти калон дорад. Чунки дар тӯли 70- соли мавҷудияти худ сокинони шаҳри мазкур дар қатори дигар шаҳрвандони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон аз душвориҳои ин вазъи номусоиди экологӣ азият мекашанд ва танҳо баъди ба даст омадани истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳаллу фасли муаммоҳои мавҷуда суръати баланд пайдо карданд. Аз ин рӯ, Нуқус дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба маъноии ҳақиқӣ ба маркази саноатӣ, илмӣ ва фарҳангии Қароқалпоқистон мубаддал гардид. Мувофиқи барномаи тадбирҳо ба зиммаи як қатор вазорату идораҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон дар фурсати кӯтоҳ иҷрои корҳои мушахас гузошта шуданд. Ба тайёрӣ ба ҷашни 70-солагии шаҳри Нуқус аз рӯзҳои аввали қабули қарори ҳукуматӣ вазоратҳои фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, Иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» ва бахшҳои он, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон ва бахши қароқалпоқистонии он, Маркази ҷумҳурӣ оид ба илму технология, Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот, Ширкати табъу нашри «Шарқ», Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба почта ва телекоммуникатсияҳои Ӯзбекистон, ҳокимияти шаҳри Нуқус ва як қатор вазорату идораҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон шурӯъ намуданд ва кулли тадбирҳоро дар фурсати кӯтоҳ ҷомаи амал пӯшонданд. Минҷумла, Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон рамзи 70-солагии шаҳри Нуқус, Иттиҳодияи илмиву истеҳсолии «Фонон» нишони сарисинагиро бахшида ба ҷашни шаҳр, Ассотсиатсияи «Ӯзбекенгилсаноат» тӯҳфаҳои хотиравии миллиро дар фурсати муайянгардида омода сохтанд. Дар воситаҳои ахбори оммавӣ рафти тайёрӣ ба ҷашн, сохтмони обектҳои ҷашнӣ ва дигар тадбирҳо бахшида ба 70-солагии Нуқус васеъ равшан гардид.

Мувофиқи қарор бо ҳаҷми калон корҳои бунёдкорӣ, ободонӣ ва сабзу хуррамгардонии шаҳр ба иҷро расонда шуданд. Аз он ҷумла, сохтмону таҷдиди як қатор иншоотҳои шаҳр, истиқоматгоҳҳо, ба вуҷуд овардан боғҳо, васеъ кардани майдонҳо, навсозии кӯчаҳо иҷро шуданд. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимияти шаҳри Нуқус, Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари», Ширкати миллии холдингии «Ӯзбекнефтегаз», Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл», Ассотсиатсияи «Ӯзпахтасаноат», Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари», Вазорати меҳиҷтисодиёт ва омор, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва дигар ташкилотҳои мутасаддӣ ӯҳдадории ба зимма гирифтаашонро сарбаландона иҷро карданд.

Масалан, Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» бинои майдони ҳавоии шаҳри Нуқусро аз ҳисоби маблағи худ пурра бо услуби меъмории замонавӣ аз нав сохт. Аз ин рӯ майдони ҳавоии шаҳр намои тамоман нав гирифт. Мусофирон алҳол ба зали интизоршавӣ, биноҳои таъиноти хидматӣ, ва ғайра ба ҳайрат назар меафкананд.

Аҳли меҳнати Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари» ғами коркунони худро хӯрда, барои роҳиҳоҳанчиён бинои истиқоматиро ба истифода супурд, ки барои 32 оила таъин гардидааст. Дар арафаи ҷашн 32 оилаи роҳиҳоҳанчиён дар ин ҷо бӯрёкӯбон карданд ва дар маросими калидсупорӣ таъкид гардид, ки барои сохтмони ин бино 350 миллион сӯм харҷ гардидааст.

Бо баҳонаи ҷашн шаҳри Нуқус ҳамчунин соҳиби обектҳои нав ба нави таъиноти фарҳангӣ гардид. Аз он ҷумла, бинои нави Осорхонаи санъат сохта, ба истифода супурда шуд.

Ба муносибати 70-солагии шаҳри Нуқус гузарондани конфронси илмиву амалӣ дар назар дошта шудааст. Ба ҳамин муносибат Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон якҷоя бо коркунони бахши қароқалпоқистонии худ корҳои зиёди пажӯҳиширо ба сомон расонда, силсилаи маърӯзаҳои илмиро таҳия намуданд ва он маълумотҳои зиёдеро дар бар гирифта, роҳи паймудаи 70-солагии Нуқусро дар худ таҷассум гардондааند.

Ба муносибати ҷашн китоб-мураккаъ—(албом), асарҳои илмиву адабӣ, ҳамчунин маркаи махсуси почта ва дигар маводи чопӣ интишор ёфтанд. Алқисса, аҳли меҳнати Нуқус ҷашни 70-солагии шаҳри ҷоноҷони худро бо омодагии пухта пешвоз мегиранд.

Э. ТУРДИҚУЛОВ.

Дар суратҳо: *1. Ансамбли «Айқулаш». 2. Бинои нави колеҷи касбу ҳунар.*

Аксбардорон: Рӯзмат ҶУМЪАНИЁЗОВ ва О. МУРОТОВ. (ӮзА).

Ҳамоҳангии усулҳои меъмории милливу замонавӣ

Нуқус дар салтанати пештара як шаҳри назарногир буд. Ба ободониву сабзу хуррамгардонии он диққату эътибори зарурӣ дода намешуд. Хонаҳои пасти гилин ҳам зиёд буданд. Ба рушди инфрасохтори шаҳр диққату эътибор сусту буд, аз ин рӯ муаммоҳои ҷиддӣ ба миён меомаданд. Дар таъриҳи пойтахти Қароқалпоқистон, ҷун дар тамоми таъриҳи навтарини халқи Ӯзбекистон дар давраи истиқлолият марҳалаи тамоман нав оғоз ёфт. Яъне пойтахти Қароқалпоқистон ҳам ба бар либоси нав гирифта, ба шаҳри замонавӣ мубаддал гардид. Алалхусус, бо баҳонаи ҷашни 70-солагии шаҳр ҳусну симои он куллан тағйир ёфт. Дар бадали як сол ин шаҳр хеле назаррабо гаштааст.

Ҳамагон ҳуб медонанд, ки истиқлолият пеш аз ҳама озодӣ бахшид ва он барои муайян кардани тақдир ва роҳи тараққиёти мустақилона асоси муҳимро гузошт. Баробари оғози ислоҳот корҳои бунёдкорӣ ҳам суръату сифати баланд пайдо карданд. Иқтисодиёт ба манфиатҳои миллӣ рӯ овард ва аз ин рӯ дигаргуниҳои азиме рух доданд, ки онҳоро дигар мамлакатҳои ҷаҳон дар тӯли садсолаҳо ба даст оварда буданд. Инро дар мисоли Нуқус барало мушоҳида кардан кори душвор нест.

Нуқус ба майдони азими бунёдкорӣ табдил ёфт. Навбати аввали майдони ҳавоии шаҳр дар фурсати кӯтоҳ таҷдид гардида, ба андозаҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ гардид. Муассисаҳои таъиноти мухталиф, аз он ҷумла фарҳангу санъат, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо, муассисаҳои таълим, тандурустӣ нав гардиданд. Биноҳои нави баландошёнаи истиқоматӣ қад кашиданд. Ҳамаи инҳоро муоина карда, тамошогар як ҳақиқатро пай мебарад: усулҳои меъмории миллӣ, яъне шарқона бо талабҳои меъмории замонавӣ мушаххасан гӯем, урупоӣ ҳамоҳанг гардидааند. Чун пештара аз амалияи сохтмони хонаҳои ду-сеҳуҷрадор даст кашида шудааст. Алҳол баъзе манзилҳои истиқоматие, ки ба як оила дода мешаванд, соҳиби шаш ва ҳатто ҳафт ҳуҷра мебошанд. Айвонҳои онҳо дар асоси талаби усули меъмории миллӣ сохта шудааند ва албатта, ба кас кайфияти хуб мебахшанд. Иншооти нав, ки мардум номи онҳоро акнун мешунаванд, низ қад кашиданд. Алҳол ҳар як сокини Нуқус хуб медонад, ки аквапарку автокемпинг чист. Бозорҳо дар асоси талабҳои меъмории шарқона, вале ба масолеҳи бинокории замонавӣ сохта шудааند. Варзишгоҳи марказӣ, кӯчаву роҳравҳо, хиёбону боғҳои истироҳат ҳам эъмор шуданд. Чунки миқдори аҳолӣ меафзояд. То 1 январи соли кунун аҳолии пойтахти Қароқалпоқистон ба 260 ҳазор нафар расид. Дар айни замон се шаҳраку 32 маҳаллаи шаҳр мавҷуд аст.

Дар соҳаи саноати вилоят 4,7 ҳазор нафар кор мекунанд. Дар маҷмӯи бинокории Нуқус бошад, чил корхонаву ташкилоти бинокорӣ фаъолият доранд. Соли гузашта онҳо 21763,5 миллион сӯм маблағро азҳуд намуда, 53,6 ҳазор метри мураббаъ манзил сохтанд, ки аз он 50,8 ҳазор метри мураббааш бо қувваи худи аҳолӣ бунёд ёфтааст. Нӯҳ АТС-и дорои 45 ҳазор рақам ба аҳолӣ хизмат мерасонад. 43 муассисаи таълими ҳамагонӣ, донишгоҳи давлатӣ, донишкадаи омӯзгорӣ, 180 муассисаи маълумоти касбиву миёнаи махсус ва ҳамагонӣ, 48 муассисаи таълими томактабӣ фаъолият доранд. Алқисса, шаҳри Нуқус ба туфайли ба ҳам омезиш ёфтани усулҳои меъмории милливу замонавӣ боз ҳам зебову назарраб гардидааст меҳмонони сершуморро бесаброна мунтазир мебошад ва онҳо рӯзҳои қайди ҷашни шаҳр бо чашми хеш хоҳанд дид, ки Нуқус чӣ тавр ба 70-солагии ҳуд бо дастовезҳои калони меҳнатӣ расида омадааст.

Парахат ЕШОНОВ, сармеъмори шаҳри Нуқус.

Ба Бухоро барои тарҷрибаомӯзӣ

Вохӯрии корчаллонҳои Бухоро бо намояндагони лоиҳаи «Европаэйд» ва сохторҳои тичоратии вилоятҳои Сурхондарё ва Қашқадарё дар меҳмонхонаи «Сиёвуш» ба амал омад.

Намояндаи лоиҳаи «Европаэйд» Брайн Морган мақсаду вазифаҳои сафари корчаллонҳои вилоятҳои Сурхондарё ва Қашқадарёро ба Бухоро муфассал шарҳ дод

—Дар ин ҷо,-қайд намуд ӯ, - таҷрибаи муайяне дар бобати инкишофи тичорати хурду миёна дар маҳалҳо ба даст омадааст.—Вохӯрии имрӯза ва робитаҳои минбаъда ба рушди тадбиркории ду вилояти ҷанубии Ӯзбекистон кӯмак мерасонад.

Бинобар ибрози Б. Морган дар ноҳияҳои Нишон, Ғузор ва Деҳҳоноболи вилояти Қашқадарё ва дар ноҳияҳои Бойсун, Шеробод ва Ангори вилояти Сурхондарё лоиҳаҳо оид ба фаъолияти тадбиркории хурд татбиқ мегардад. Он дар ду давра гузаронида мешавад, ки аввалӣ қайди рӯйхати фермероне мебошад, ки ба онҳо барои тартиб додани бучет, хариди ашё ва таҷҳизот, ҳамчунин баҳри гуфтушунидҳо бо бонкҳо барои гирифтани вом (қарз) кӯмак расонида мешавад. Давраи дуввум, ин кор дар самтҳои махсус, чунончи, кулолгарӣ ва гилембофӣ дар Қашқадарё, истеҳсоли махсулоти ширӣ ва асал дар вилояти Сурхондарё мебошад.

Директори бунёди тичоратии вилояти Бухоро И. Норов пешниҳод намуд, ки ба лоиҳаи бо номи шартии «Консетрат» сармоя ҷалб карда шавад ва истеҳсоли шарбатҳо, хамираи памидор, кетчупҳо дар се вилоят—Бухоро, Қашқадарё ва Сурхондарё ба роҳ монда шавад.

ОМИ «Туркистон—пресс».

Варзиши бачаҳо

Тими «Ҳумо» ғолиб

БУХОРО. (Мухбири ӮзА И.САФАР). Дар бозигоҳи «Бухоро» давраи ҳалкунандаи мусобиқоти анъанавии байни бачагони маҳаллаҳо барои ҷоми Ӯзбекистон таҳти шиори «Барои ояндаи футболи мо» шуда ғузашт. Дар он 13 ҷамоаи ғолиби талошҳои ҳудудӣ иштирок доштанд. Инҳо тимҳои вилоятҳои Бухоро, Андиҷон, Ҷиззах ва Сурхондарё мебошанд.

Мусобиқаҳо бо вохӯрии тимҳои маҳаллаи «Қора-Бура»-и ноҳияи Ҷарқӯрғони вилояти Сурхондарё ва маҳаллаи «Маорифчӣ»-и шаҳри Андиҷон оғоз ёфтанд. Талоши тезу тунд ба ҳисоби 5:2 ба фоидаи тими маҳаллаи «Маорифчӣ» поён ёфт.

Вохӯрии байни футболбозони маҳаллаи «Ҳумо»-и ноҳияи Бухоро бо тими маҳаллаи «Олмазор»-и шаҳри Ҷиззах ба ҳисоби 4:0 ба фоидаи футболбозони ҷавони Бухоро анҷомид.

Дар кувваозмоии «Қора-Бура» (Сурхондарё) ва «Олмазор» (Ҷиззах) ҳисоби 3:1 қайд карда шуд. Инак, футболбозони ҷавони вилояти Сурхондарё ба гирифтани медалҳои биринҷӣ муяссар гаштанд. Мукофот барои ҷои сеюм дода шуд.

Талоши байни ҷамоаҳои «Ҳумо» (Бухоро) ва «Маорифчӣ» (Андиҷон) хеле тезу тунд буд. Вале соҳибони майдон аз ҳар ҷиҳат болодастӣ карданд. Дар ниҳояти талош онҳо футболбозони ҷавони Андиҷонро ба ҳисоби 3:0 маглуб сохта соҳиби Ҷоми сайёр ва медалҳои тилло гаштанд.

Деворaҳои ҳимояи роҳи оҳан.

Пуле, ки ду соҳили Амударёро мепайвандад, на танҳо роҳи оҳани Нуқус—Урганчро 8 соат кӯтохтар, балки танҳо барои вилояти Хоразм соле 850 ҳазор долларро сарфа менамояд. Пулсозон хушбинона кор мекунанд. Онҳо умед доранд, ки сохтмони ин кӯпруки бузург то охири соли ҷорӣ ба итмом мерасад.

«Дувоздаҳ истгоҳи истиқлолият»

То Урганч танҳо бо роҳи ҳуд меравем

Дар матолиби гузаштае, ки зери унвони боло дар «Овози тоҷик» рӯи чопро дидаند, бардоштҳои хабарнигор аз сафари эҷодии журналистон буд, ки бо ташаббуси Ширкати давлатии саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари» созмондиҳӣ гардид, ки ин таассурот низ порае аз он мебошад.

Вақте чунин гурӯҳи журналистони нашрияҳои марказии ҷумҳурӣ ташкил мегардид, он ба 12-солагии истиқлолияти кишвар ва солгарди ба баҳрабардорӣ супурда шудани қитъаи роҳи оҳани Ҷӯқудуқ-2—Мискин мувофиқ омад, ки ин роҳи нави 342 километрӣ воқиан ҳам аз дувоздаҳ истгоҳ иборат аст.

Қисмати мазкури роҳи оҳани нав дар шимоли ғарбии кишвар тақрибан пурра аз дашту биёбон мегузарад. Аз ин боис шароити кор ва зиндагии роҳиҳоҳанчиён дар минтақаҳои мазкур тақатфарсотар аст нисбат ба дигар маҳалҳои он. Умуман ба ҳисоби миёна 93 ҳазор сӯм маош гирифтани кормандони роҳи оҳани ҷумҳурӣ аз як ҷиҳат таносубан бо маоши коргарони соҳаҳои дигар зиёд аст, аммо вазъи боду ҳаво ва иклими дашту биёбонро ба инобат бигирем, чунин ҳаққи меҳнатро метавон гуфт: ҳалолашон бод!

—Мо, ки аксар вақт дар роҳ мебошему шароити корамон низ аз дигарон фарқ мекунад, бо тамоми имтиёзу иловаҳо дар ҳудуди 140 ҳазор сӯм моҳона дорем,—мегӯяд мошинисти собиқадор Алӣ Алланазаров, ки дар сари фармони «корвони» махсуси журналистон аз Ҷӯқудуқ-2 то истгоҳи «Майлисой» буд.—Мо ҳафтаҳо дар роҳ ҳастем ва ба хона рафта наметавонем. Аммо маоши ҳудро сари вақт гирифта наметавонем. Ҳамин чанд рӯз пеш танҳо моҳонаи майро доданд...

Бо шунидани суханони мошинисти ботаҷриба гапҳои раиси Ширкати «Ӯзбекистон темир йӯллари», депутати Олӣ Мачлис Очилбой Раматов ба ёдам омад, ки дар арафаи Рӯзи роҳиҳоҳанчиён бо таассуф гуфта буд.

Бино ба суханони ӯ, ширкат имкон дорад маоши кормандони соҳаро сари вақт бипардозад ва барои ин маблағи басанда ҳам дорад. «Аммо бо иллати «роҳзании» ташкилоти идораҳое, ки масъули расондани маблағ ҳастанд, сари вақт ба коргарони мо намерасад, зеро он маоши заҳматкашонамон аввал дар дигар сохторҳо як-ду бор бо мақсадҳои барои мо номаълум «гардиш» мекунад ва аз ин боис ба дасти соҳибонаш дертар мерасад». О.Раматов роҳҳои дигари сари вақт дастрас намудани маоши коргаронашро ҷуста, ҳатто вақтҳои охир пулро на аз тариқи бонк, балки ба КамАз-ҳо бор карда, то дурдасттарин гӯшаҳои роҳи оҳан мефиристад. Ӯ медонад, ки ин хатарнок аст, аммо боварӣ дорад, ки сари вақт ба «дастнигарони» соҳа рафта мерасад.

Дар дашти хушку ташналаб, ки зиндагӣ дучандон сахттар мегузарад, дар вақташ дастрас намудани маош хеле муҳим аст, зеро дар он регистонҳои беоб рӯидани дарахту полиз имкон надорад, ки одамон барои рӯзгордории ҳуд деҳҳонӣ кунанду аз он ризқе дароваранд.

Ҳавову иклими регистонро танҳо дар регистон дар бадани ҳуд эҳсос намудан мумкин аст, ки воқиан онро дарк намоед. Аксарияти гурӯҳи мо, ки қаблан зиндагиву аҳволи биёбонро танҳо аз адабиёт ҳондаанд, фақат пас аз чашму гӯшу даҳонашонро «палмосидани» рег онро хуб шинохтанд. Дар баъзе истгоҳҳои маҳзи биёбону даштҳо, вақте ки барои ошной бо аҳволи онҳо пиёда мешудем, моро аввал амвоҷи паррони рег ба рӯю мӯй барҳӯрда истиқбол мегирифт. Ва аз ин истиқболи «гарми» рег баъзеҳо зуд ҳудро дубора ба дохили вагон мегирифтанд.

Регкӯчиҳо дар биёбон қонуни табиирро мемонад ва вақти бод гирифтану «хашм» намудани он зиддаш чорае андешидан номумкин аст. Аммо роҳиҳоҳанчиён кори ҳудро мекунанд. Онҳо қад-қади роҳи он—аз ду тараф, хусусан дар маҳалҳое, ки эҳтимоли регкӯчӣ зиёд аст, аз ҷамиш катаҳҳо месозанд, ки дар назари аввал ҳоначасозии кӯдаконро мемонанд. Ин гуна катаҳҳо бо ҳаҷми тахминии 2-3 метри мураббаъ бо бари дусе катакӣ дар баъзе қитъаҳо то ба як-якуним километр тӯл мекашад. Чунин деворaҳо аз паяи ҷамиш, ки он ба андозаи нимметрӣ бурида шуда, қисме дар рег гӯр гардида, ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар тӯли сафари ҳуд кам ҷое дидем, ки рег ин деворaҳоро пӯшонда, ба роҳи оҳан наздик шуда бошад. Ҳамин гуна ҷамишдеворҳо ҳатто дар истгоҳҳо роҳи оҳанро аз ду бар печондаанд. Инчунин симчӯбҳои қад-қади релсҳо бо чунин деворaҳо иҳота гаштаанд.

Ширкати роҳи оҳан дигар чораи поксозии роҳҳоро низ андешидааст. Техникаи Австрия маҳз барои поксозии байни шпалу релсҳо, аз ҷумла аз рег, харид гаштааст. Аз ин сабаб низ агар ба роҳҳои оҳан ҳомаҳои рег «таҷовуз» намояд, ин василаҳо ҳамеша дар рӯи релсҳои истгоҳ омодаи коранд.

Дар сафари мо боздид аз пули рӯи Амударё, ки қад-қади канали Пахтаарна аз истгоҳи «Мискин» нимсоата роҳ бо мошин аст, муҳимтарин нуқта ҳисоб меёфт. Аз ин вақ низ дар ин ҷо бештар мондем ва бино ба суханони муовини раиси трести «Ӯзмостстрой» Анатолий Плетнев, ин кӯпруки бунёдшаванда 660 метр тӯлу 7,2 метр бар ҳоҳад дошт. Аз намуди он маълум мегардад, ки пул тақрибан дар асоси лоиҳаи кӯпруки «Дӯстӣ»-и Тирмиз, ки Афғонистони ҳамсояро бо мо мепайвандад, бунёд мегардад. Барои сохтмони пул 28 млрд.сӯм маблағ харҷ мегардад, ки ҳариб ҳамаи онро Ширкати «Ӯзбекистон темир йӯллари» мепардозад. Дар ҳуҷҷатҳои расмии пулсозҳо агарчи то охири моҳи ноябр ба поён расидани сохтмони он зикр мегардад, аз кайфияти коргарон чунин хушбиниро пай бурдан намешавад.

Дар айни ҳол 285 нафар коргарон аз пулсозони №13 ва 67 Тошканд, рақами 14-уми Қароқалпоқистон, рақами 68-уми Андиҷон, гурӯҳҳо аз «Хоразмтранс», «Туямуинсувқурилиш», «Осиё мост», «Меҳмост» ва ҳамагӣ аз даҳ чунин корхонаи махсус меҳнат мекунанд. Мисле ки пули рӯи Амударёро тамоми ҷумҳурӣ бунёд мекунад ва пас аз ба роҳ афтодани ҳаракат бо он на танҳо поезд, балки автомобилҳо низ равуо ҳоҳанд кард, 35 долларе, ки барои убури ҳар як вагон дар қитъаи панҷкилометрии Туркманистон ҷониби Ӯзбекистон мепардозад, сарфа мегардад. Ва на танҳо масъалаи иқтисодӣ дар ин ҷо муҳим аст, балки дар ҷодаи Нуқус—Урганч, ки поездҳои мо аз тариқи роҳи оҳани Туркманистон мегузарад, мусофирон аз бозпурсиву истинтоқ ва кофтукови зиёди мақомоти туркман халос мегардад, ки барои мардум ин чиз муҳимтар аст.



Сохтмони пули рӯи Амударё дар авҷ.



Ба истгоҳ об омад.

Техникаи Австрия.

Тоҷибой ИКРОМОВ, хабарнигори махсуси «Овози тоҷик».

ТОШКАНД—НУҚУС—ТОШКАНД.

Суратҳои муаллиф.

Масъулиятшинос

Салоҳ Очиловро дар хоҷагии ширкатии ба номи Шароф Рашидови ноҳияи Шофиркон хуб мешиносанд. Вай чун сардори бригадаи пахтакорӣ солҳои тӯлонӣ ин ҷониб фаъолият нишон медиҳад. Ҳоло синни Салоҳиддин ба панҷоҳ расида дар ҳаёт роҳу мақоми худро пайдо намудааст. Ба туфайли касби пахтакорӣ орзую умеди аҳли оилааш ҷомаи амал мепӯшад. Вай баъзан саҳифаҳои китоби умрашро варақ зада меандешад, ки дар зиндагӣ пайдо намудани ҷою мақоми муносиб ҳама вақт ҳам ба кас осон муяссар намегардад.

Дар соли 1970 хӯҷҷатҳояшро ба омӯзишгоҳи кооперативии Бухоро супурда ба шӯъбаи молшиносии он қабул гардид. Вай муддате дар колхоз муҳосиб ва табелчӣ буд. Баъд корро дар дӯкони савдои деҳа идома дод. Ана-мана нагуфта боз даҳ соли умр ба қафо монд. Рӯзе ҳуҷ ба идораи хоҷагӣ даъват карданд. Вай таклифи раиси хоҷагиро рад карда натавонист. Сардории бригадаи дуюми пахтакориро ба ӯҳда гирифт. Ана аз ҳамон вақт (соли 1987) ин ҷониб ҳамчун сарвари масъулиятшиноси деҳқонон амал намуда, ба як қатор муваффақиятҳои намоён ноил мегардад.

Албатта, аввали кор осон нашуд. Ба вай лозим омад, ки ба маслиҳатҳои мутахассисону деҳқонҳои пуртаҷриба гӯш кунад. Азбаски нияташ холис буду азмаш қатъӣ, дар кӯраи омӯзгори сахтгири зиндагӣ обутоб ёфт, таҷрибаи кофӣ андӯхт. Ҳакими олӣ-вақт ба вай роҳу равиши оқилонаро ёд дод. Бо тақозои вазифа қариб ҳар замону ҳар рӯз мутахассису роҳбарони гуногунмақом бо вай рӯ ба рӯ омада, маслиҳату супоришҳо медиҳанд. Сардори бригада ҳамаи онҳоро дар тарозуи ақли худ чен карда, аз онҳо хулосаҳои амиқ мебароварад. Зеро на ҳамаи маслиҳатҳо баҳри пешравии кор мусоидат мекунанд.



Боре дар бригада семинари пахтакорон ба амал омад. Он ҷо нуқтаи назари вакили ноҳия бо ақидаи сардори бригада мувофиқат накард. Вазъият шиддатноктар мешуд. Салоҳиддин ин ҷо бо самимият гуфт:

—Ман дурустии ақидаи худро дар таҷрибаи шахсӣ борҳо санҷидаам. Як чиз бароям нофаҳмост. Мақсад ҳосили фаровон аст ё гапгузаронӣ? Пас дахолати беасос ба услуби кори мо ва фармонфармої чӣ маънӣ дорад? Парвариши ниҳолҳоро ба ихтиёри мо гузореду охири сол ҳосили дилхоҳро аз мо қабул кунед!

Роҳбари ноҳия сардори бригадаро ҷонибдорӣ намуд ва дар охири сол ҳосили бемисл фароҳам омада ҳуҷ сарбаланд гардонд.

Заршиносони бригадаи дуюми хоҷагии ҷамоавии ба номи Ш.Рашидов аз ҳар яки сад гектар майдон ҳар сол 24-25 сентнерӣ ҳосил гирифта нақшаи солонаро барзиёд иҷро мекунанд. Саттор Нарзиев, Аҳрор Нарзиев, Ҳамид Авезов, Самандар Қудратов, Ҳалим Аминов, Давлат Юсуфов, Муҳиддин Болтаев, Қурбон Саъдиев барин шермардон, оброҳо, тракторчиён ба пушту паноҳи бригада табдил ёфта буданд.

Охири солҳои 90-ум дар хоҷагӣ ба услуби пудрати оилавӣ эътибор афзуд. Ба Салоҳ Очилов лозим омад, ки минбаъд чун сарпудратчии оилавӣ (бо ҳафт пудрати оилавӣ дар 14 гектар майдон) сарвариро идома диҳад.

Ба қарибӣ бо сардори деҳқонон Салоҳ Очилов дар саҳро вохӯрдем. Вай ба авҷи ниҳолҳои пахта бо меҳр нигариста гуфт, ки худо хоҳад, имсол бар хилофи сӣ сентнерии соли гузашта ҳосилнокӣ ба 40 сентнерӣ мерасад.

—Таъриф нею аз бозе, ки ман сардори бригада таъин гардидам, ҳар сол нақша иҷро мешавад. Фақат соле ки агрономии участкаро дар зимма доштам, аз ин холист,— мегӯяд ӯ бо фахр.

—Дар давоми ин солҳо байраку соат, диплому палос, қолину телевизор барин мукофотҳо насибамон гардид. Ду сол муқаддам бо нишони «Даҳсолагии истиқлоли Ӯзбекистон» тақдир намуданд. Чун аъзои раёсати хоҷагии ширкатӣ дар бисёр тадбирҳо иштирок мекунам,—мегӯяд ҳамсӯҳбатам.

—Сири комёбии пай дар паи шумо дар чист?

—Меҳнати сариваҚтӣ, дар мавридаш додани обу нурӣ ва гузаронидани тадбирҳои агротехникист. Раиси хоҷагӣ Муқим Шамсиев моро пайваста дастгирӣ мекунад.

—Даромадҳоятон дилхоҳонаанд?

—Албатта. Ҳамсару фарзандон, кӯлину наберагон ҳама аҳлона меҳнат мекунем. Танҳо аз се гектар пахтазори пудрати оилавиамон ҳар сол камаш 300 ҳазор сӯм даромад мегирем. Ин ҷо меҳоҳам таъкид кунам. Баъзеҳо аз сари вақт нагирифтани музди меҳнат шикоят мекунанд. Вале барои пахтакорон дар бобати андӯхтани даромад мавсими пахтачинӣ қулай аст. Ба давлат ҳар чӣ қадар пахта супорем, то килограммҳои охирин ҳамон қадар маблағ гирифта метавонем. Шукр, тӯю тамошо, орзую умедҳои мо аз пушти пахта аст...

Амрулло АВЕЗОВ.

Мӯҳсин УМАРЗОДА

Ҷилвагоҳи хирад ва дониш

Ба муносибати ҳазораи Носири Хусрав

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

Бигзашт зи ҳиҷрат пас сесад наваду чор,
Бинҳод маро модар бар маркази ағбар.

Куният (лақаби эҳтиромӣ) ва ному насаби Ҳаким Носир дар «Сафарнома» ва «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» сабт ёфтааст, ки мувофиқи он кунияташ Абӯмуиниддин, номаш Носир, номи падараш Хусрав ва ниёи ӯ (падари падараш) Ҳорис аст ва дертар дар баъзе осор ба номаш унвони фахрии «Ҳаким» изофа гардида, Ҳаким Носири Хусрав меномидагӣ шудааанд. Дар сарчашмаҳо нисбаи ӯро «ал-Қубодиёнӣ-ал-Балхӣ-ал-Марвазӣ» навиштаанд, ки ин ҷо Кубодиён зодгоҳи шоир мебошад, ки ноҳияест дар Тоҷикистон. Азбаски Кубодиён тобеи Балх буд ва шояд ҳам барои он, ки овони наврасиаш ба он шаҳр рафта ва таҳсили илм намуда, баъд онро маҳалли сукунати доимии худ қарор дода буд, нисбаи Балхӣ гирифта бошад (мисли ин, ки рустои Рӯдак замоне тобеи Самарқанд буд, Рӯдакиро Самарқандӣ низ гуфтаанд). Сабаби дар шарҳи ҳоли Носир пайдо шудани нисбаи Марвазӣ ин аст, ӯ дар 26-солагиаш, баъд аз он, ки туркмонони Салҷуқӣ Балхро ба тасарруфи худ даровардаанд, ҳамроҳи бародараш ба Марв кӯчида, ба хидмати дарбор даромад ва муддате дар он ҷо зиндагӣ кард.

Баъзе ховаршиносони бехабар аз Кубодиёни воқеъ дар Тоҷикистон тахмин задаанд, ки дар яке аз ҷӯшаҳои Балх ҷӯё деҳе будааст бо номи Кубодиён, ки ҳоло нопадид гардидааст. Муҳаққиқи даҳиқсанҷ Аликул Девонакулов барои ҷилди якуми Куллиёти Носири Хусрав («Ирфон», Душанбе, 1991) пешгуфторе навишта, дар он чунин гумонҳои беасосро рад мекунад ва тарзи навишт, маъно ва таъриҳи «Қубод»-у «Кубодиён»-ро дар асоси сарчашмаҳои мӯътамад шарҳ медиҳад ва менависад: «Кубодиён қарияест аз навоҳии Балх, воқеъ дар соҳили яке аз шуаби рӯди Ҷайҳун. Ва он мувалладе Носири Хусрав бувад. Имрӯза қарияест воқеъ дар шимолу шарқии Балх, наздикии Тирмиз». Агар мо ба ифодаҳои «воқеъ дар соҳили яке аз шуаби рӯди Ҷайҳун» ва «наздики Тирмиз» таваҷҷӯҳ намоем, он ҷоҳ тамоман равшан мегардад, ки «шуаби Ҷайҳун» дарёи Кофарниҳон аст, ки ҳоло ҳам аз байни Кубодиён гузашта, да дарёи Ҷайҳун, яъне Ому мерезад ва Кубодиёну Тирмизро кӯҳчаи Боботоғ аз ҳам ҷудо мекунад, вагарна ин ҳарду баҳам пайвастанд...Ҷӯяндагони Кубодиёни дигар ба мафҳуми «қарияест аз навоҳии Балх» фиреб хӯрдааанд. Онҳо ба инобат нагирифтаанд, ки дар мафҳуми ҷуғрофии қадим ҳамин Кубодиёни имрӯза тобеи вилояти Балх буда, яке аз навоҳии он ба шумор мерафт».

Ҳаким Носири Хусрав ба гавҳар ва нажод тоҷик аст, ки худи ӯ дар ин бора гуфтаҳо ва ишораҳо дорад. Чунон, ки маълум аст, дар он замонҳо номи «тоҷик» дар сарчашмаҳои таъриҳӣ хеле зиёд зикр шуда, инчунин таркиби «турку тоҷик» басо шӯҳрат ёфта буд. Вале дар айни вақт бузургони шеъру адаби тоҷик худро «озода», «озодагон», «озодзодагон» низ меномиданд. Ҳамчунон, ки устод Рӯдакӣ фармудааст:

Доим бар ҷони ӯ биларзам,
зеро-к
Модари озодагон кам орад
фарзанд.

Носири Хусрав бо як ҳисси ифтихор гуфта буд:

Ман пок фарзанди озодагонам,
Нагуфтам, ки Шопур бин
Ардашерам.

Дар девони шоир ба ҷои «тоҷик» ё «озода» дар бисёр мавридҳо «деҳқон» низ гуфта шудааст. Масалан:

Чун боз начӯй, ки андар ин боб,
Тозӣ-т чӣ гуфту чӣ гуфт деҳқон?

Ва ё:

Саворони тозандаро нек бингар,
Дар ин паҳн майдон зи тозиву
деҳқон.

Дар ин ду байти охир мурод аз «тозиву деҳқон» араб ва тоҷик аст. Аслан «деҳқон» мурраби лафзи «деҳгон» буда, маънии «шаҳрнишин» дорад, ки мураккаб аз «дех» (шакли бостониаш «деҳю» ба мафҳуми сарзамин ва шаҳр) ва пасванди «гон» мебошад ва ҳеҷ гуна алоқа ба мафҳуми киштварзӣ надорад.Азбаски аҷдоди тоҷикон дар як ҷо зиста, машғули киштукор низ мешуданд, касби кишоварзиро ба калимаи «деҳқон» нисбат додааанд. Бинобар ин Носири Хусрав дар шеъри «Дар ҳаққи кишоварзон» мегӯяд:

Ҷаҳонро ҳуррамӣ аз деҳҳон аст,
Ки ҳористон зи ӯ чун бӯстон аст.
Ба кор андар ҳама мардони
коранд,
Арақ резанду кути халқ коранд.
Калиди ризқу ҳисмат сахт дар
мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ дар даҳ
ангушт.
Ба дунё оқилона тухм киштанд,
Ба уқбо-дар гули боғи
биҳиштанд.

Носир аз ҷавонӣ ба омӯзиши илм шавқу ҳаваси зиёде дошт, бо ҳар восита хирад ва донишро ситоиш мекард. Ин ду гавҳари осмонӣ, яъне хирад ва дониш, ба ақидаи ӯ, ҳадяи илоҳӣ ва паёмбари ниҳонӣ аст, ки аз қалби инсон ҷой гирифта, вайро ба сӯи хайру салоҳ раҳнамої мекунад:

Хирад сӯи ҳар кас расуле
нуҳуфта,
Ки дар дил нишаста ба
фармони яздон.
Ҳамегӯяд андар ниҳон ҳар
касеро,
Ки чун он чунин асту ин нест
чун он.

Дар китобҳои «Зод-ул-мусофирин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ва дигар асарҳои ҳаким истилоҳоти нуҷумӣ, ҳандаса, ҳисоб, ҷабр, муқобала, кимиё, тиб, табииёт бисёр ба кор бурда шудааанд. Вай ғайр аз ин ва дигар илмҳо аз ҷарискол (механика) ва манозир (оптика) низ огоҳӣ дошт. Он «санги кӯҳи Сипоҳон», ки ба қавли Ҳаким Носир аз он санг «афзун шавад равшаної ба чашм» бинобар навиштаи донишманди рус А.Эделман шояд ягон чинси шаффофи кӯҳӣ, бо эҳтимоли зиёд булӯр бошад, ки аз он шишаи линзашакл месохтанд.

Дар девони шоир шеърҳое кам нестанд, ки дар онҳо машғулияти ӯ бо илму дониш баён гардидааанд. Масалан, дар қасидае ки бо мисраи «Кӣ кард ин гунбади пирӯзапайкар?» оғоз меёбад, дар бораи илми ашколи «Маҷастӣ»-и Батлимус («Алмагест»-и Клавдий Птоломей), ҳандасаи Уқлидус (Евклид), назарияи мусиқии Ҳермеси юнониро омӯхтани Носири Хусрав сухан рафтааст:

Гаҳе дар илми ашколи
«Маҷастӣ»,
Ки чун ронам бар ӯ паргору
мистар...
Гаҳе аксоми мусиқӣ, ки Ҳермес
Падид овард бар алҳони дигар.
Ҳамон Уқлидусу «Мантиқ»,
ки бинҳод
Ситотолиси устоди Сикандар.

Ин мутафаккир инчунин асотири эронӣ, бобулӣ ва Миср қадимро медонист, динҳои зардуштӣ, буддої, яҳудӣ ва фирқаҳои гуногуни ин динҳоро ба хубӣ омӯхта буд. Ҳаким Носир инчунин аз афкори Афлотун, Суқрот, Фарфуриюс (Порфирий), Фисоғурас (Пифагор), Филӯтархус (Плутарх), Аристотолис ва дигарон ёдовар мешавад. Чунончи, дар «Зод-ул-мусофирин» мехонем: «Ва ин қавли Суқрот аст андар китоби «Қонун»...- Ва ё «қавли Афлотун аст дар китоби «Тимеюс»... ва ғайра. Донишманди тоҷик аз осори бузургони илму фани Юнон иқтибосҳои васеътаре оварда, бо онҳо баҳси муфассал мекунад.

Адиб на танҳо дар осори насриаш, балки инчунин дар ашъораш, бахусус қасидаҳояш, ки асосан дарозу тӯлонӣ мебошанд, масъалаҳои илмӣ, аз он ҷумла офариниши олам, пайдоиши замину моҳу ситораҳоро мавриди баҳс қарор медиҳад, дар бораи он меандешад, ки дар берун аз ин осмон, дар он тарафҳои кайҳон чӣ дунёҳое боз вуҷуд доранд. Пурсишҳои ӯ хеле бисёранд, бесабаб нест, ки ӯро шоири «чуну чаро» номидааанд. Инак, чанде аз пурсишҳои ин мутафаккири ҷӯянда:

Кӣ донист, к-аз нури Хуршед
гирад
Ҳаме равшанӣ Моху Бирчису
Кайвон?
Кӣ донист, к-андар ҳаво бе
сутуне
Ситодаст дарёву кӯҳу биёбон?
Кӣ донист, ки чанд ин Заминро
масоҳат,
Саду шасту чанд ӯст Хуршеди
тобон?
Кӣ кард аввал оҳангарӣ чун
набудаст
Аз аввал на анбур, на хоиску
сандон?..
Аз оғоз чун буд таркиби олам?
Чӣ чиз аст берун аз ин чархи
гардон?
Агар гирди ин чархи гардон,
ту гӯй,
Тиҳӣ ҷойгоҳест беҳадду сомон?

(Давом дорад).

Дар роҳи саломатии модар ва кӯдак

Дар кишвари мо ба саломатии модарон ва кӯдакон эътибор зиёд аст. Дар шифохонаи марказии шаҳри Марғелон ҳам дар ин бобат корҳои пурсамар ба иҷро мерасанд. Дар ин ҷо баҳри бартараф сохтани бемории модарон ва кӯдакон кулли шароитҳо мавҷуданд. Бахусус фаъолияти таваллудхонае, ки ба 85 нафар мичозон таъин гардидааст, шоистаи тавсиф мебошад. Он бо асбобу ускунаҳои замонавӣ таъмин буда, баҳри зуд ва тамоман сиҳҳат ёфтани модарон ва кӯдакони бемор имкониятҳои бештар медиҳад.

Таъкид бояд кард, ки дар таваллудхона аккушер-гинекологҳо ва ҳамшираҳои пуртаҷриба кор мекунанд.

***Дар сурат:** ҳамшираи шафқат **Шарифа Иброҳимова** бо бемор **Дилдора Кӯчқорова** ва кӯдаки ӯ.*

Сурати М.ҚОДИРОВ (ЎзА).

Ҳазорон мева дар боғи худам ҳаст...

Назаре ба эҷодиёти даҳонакии имрӯзаи Нанай

Эҷодиёти даҳонакии халқ, ки як пояи муҳими маънавияти ҷамъиятӣ мебошад, бо мурури замон ба тағйироти калон дучор мегардад.

Ин тағйирот ҳам ба мундариҷа ва ҳам ба шакли асарҳои фолклорӣ таллуқ дошта, чигунагии онро кисман аз рӯи вазъияти ҳозираи эҷодиёти даҳонакии мардуми деҳаи Нанай муқаррар кардан мумкин аст.

Муаллифони ашъори халқӣ муаллимон, деҳқонон ва зиёиёни деҳот, бунёдкорони ҳаёти нав мебошанд.

Рубоиҳо ба сохаҳои гуногуни зиндагии имрӯзаи мардуми Нанайро фаро гирифта онҳо дар васфи муҳаббат, муносибатҳои нави оилавӣ, ободӣ ва илму маданият, меҳнат, Ватан суруда шудааанд.

Дар бисёр рубоиҳо чунин як ҳодиса тасвир меёбад, ки ҷавонон ҳангоми интихоби шарики зиндагӣ хислатҳои тозаи маҳбуба (ё маҳбуб)-ашонро ба эътибор мегиранд. Ин хислатҳо аз муносибати онҳо ба меҳнат, дониш, Ватан падид меояд. Ба корҳои ҷамъият фаъолона иштирок доштани духтарон барои ҷавонон мояи ифтихор аст. Ҷавонон акнун дар шахси маҳбубаҳои худ духтарони ҳақиру забунро намебинанд, ки дар гузашта баъзан ба онҳо танҳо аз дур назора кардан мумкин буду халос. Ба рубоиҳое, ки аз тарафи истиқоматкунандаи деҳаи Нанай, иқтисодчӣ Рустамбек Ваҳҳобов гуфта шудааст, назар меандозем:

Биё, тӯтӣ, таманнои ту дорам,
Ҳавас бо қадди раъноии
ту дорам.
Ҳазорон мева дар боғи
худам ҳаст,
Умед аз меваи боғи ту дорам.

***

Оштонанда фатир пухтас седака,
Духтарони Наная дидам ягонака.
Кани-ки замон мебардошт
як дам,
Ман (нағз дидагима) мегирифтам
ҳамондам.

Баробарҳуқуқии занони тоҷик, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки занон аз доираи танги ҳаёти оилавӣ берун шуда, ба қатори ходимони фаъоли ҷамъиятӣ даромаданд ва дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ мақоми баланд ишғол намуданд.

Образи зани озоду соҳибҳуқуқ, ки кору ҳаёти ӯ дар дил шавқу сурур мебахшад, мавзӯи як силсила рубоиҳои нав қарор гирифтааст.

Дар таронаҳое, ки аз муаллимаи рӯҳшинос Нозигул Солметова навишта гирифта шудааст, ин маънӣ чунин садо медиҳад:

Президентамо меҳрубон,
Ватанамон гулистон.
А дасти ин ҳокимҳо,
Бӯстонлиқ боғу бӯстон.

***

Мӯма бинӣ болои думбаманда,
Чанд ҷавонони Нанай сарсон
пуштаманда.
Кадомашон мана гирон метонад
микин,
Ман катӣ оилаи мустаҳкам
месозад микин.

Ҷавонони пешқадаму ташаббускор, онҳое, ки ба иҷрои корҳои муҳими ҷамъиятӣ машғуланд, қаҳрамони бисёр рубой, бадеҳа,байт ва дубайтиҳои ишқии имрӯзааанд. Муаллими математика Муллобой Норматов ин маъниро чунин месарояд.

Ошиқ шудам рӯятба,
Қошу чашми сиётба.
Рудба гуфта намтонам,
Инсоф тияд худатба.
Нана-я кӯчашанда,
Дидагӣ будам туя.
Диламба моил шудӣ,
Охир мегирам туя.

Имрӯз чӣ рӯзи дароз шуд манба,
Нағз дидагӣ Зулфиям набаромад
кӯчава.
Агар Зулфиям мана хуш набинад,
Намерам, куртаи сафед пушта
ЗАГС-ба.

Муносабатҳои байниҳамдигарии ҷавонон низ бисёр хислатҳои тозаи дар шуури меҳнаткашони деҳот ба зуҳур омадаро акс менамояд. Нишонаҳои ин воқеаи муҳим дар як қатор сурудаҳо мансур мегардад. Ҷавонон ба манфиати тамоми ҷамъиятӣ меҳнат мекунанд ва манфиати ҷамъиятро дар навбати аввал мебинанд. Маҳбубаи дилсӯз бо ёри худ, ки ба ҳондан ва ба хизмати ҳарбии Ватан рафтааст, ифтихор дорад. Ин пораҳо аз ҷониби муаллими физика Сайёра Турғунова гуфта шудааст:

Деризаҳоя кушодам,
Хонама шамол додам,
То ёрам а хизмат омдана,
Дуппии шоҳӣ дӯхтам.

Ҷони ҷононам омад,
Ови шикорам омад.
Дани як солба ёрам,
А хизмати Ватан омад.

Тағйирот дар услуби бадеии пораҳои назмӣ асосан дар он ифода мегардад, ки мавқеи образҳои анъанавии дар рамзу истиора, муболиға бунёдёфта хеле маҳдуд ва танг шуда, ҷои онҳоро образҳои бевоситаи аз ҳаёт гирифташуда ишғол кардааанд, ки онҳо лавҳаҳои зиндагиро аниқ ва реалӣ ишғол менамоянд.

Маҳбуба ҳамчун кабӯтар, гул, себ, ниҳол, офтоб, моҳӣ, тӯтӣ. Маҳбуб ҳамчун булбул, гунҷишк, ошиқ Маҷнун тасвир ёфтааст. Ин сатрҳо аз Нанай аз Толибҷон Вакилов навишта гирифта шудааст:

Чиройлик Наная кӯчаҳош,
Кишо шудас сурх гулҳош.
Ин байтҳоя навиштагӣ,
Духтарҳоя сафед дастош.

Булбул бе гул намешад,
Ҳаёт бе ишқ намешад.
Ман туя алда кинам,
Зиндагимо чӣ мешад?

Образҳои тоза моҳияти ҳаёти имрӯзаро ошкор мекунанд. Духтари деҳот, дар гузашта мисли оҳуи кӯҳистон, мисли мурғи раманда буда, танҳо аз дур ба ӯ назар кардан мумкин буд. Ба ин маънӣ муаллими забони англисӣ, истиқоматкунандаи деҳаи Нанай Эргашбой Амариддинов ба маъшуқааш Бисорахон чунин мурочиат кардааст:

Испая кӯчашанда,
Қадам зада гаштан гир.
Ман пешат наздик шавам,
Аз ман гурехтан нагир.

Аз дур дидам туя,
Пурнур дидам туя.
Диламба моил шудӣ,
Охир мегирам туя.

Як қатор нишонаҳои дигари ҳаёти нав: ҷорӣ шудани телефон, радио, сохтмони хонаҳои равшану тирезанок ва монанди инҳо дар рубой ва дубайтиҳо мавзӯи таърифу тавсиф қарор гирифтаанд. Чунончи:

Лави дарё худи ман,
Телефон дар дасти ман.
Кашто боя қизаш ман,
Раиси Наная занаш ман.

Яг ёр гирам, ки ёри ёрон бошад,
Дасташба телефон бошад.
Чеҳрааш доим хандон бошад,
Халқаш аз ӯ шодон бошад.

Аз рӯи материалҳои ҷамъшуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки эҷодиёти даҳонакии мардуми Нанай бо адабиёти китобатӣ ҳанӯз дар замонҳои гузашта алоқаи зич доштааст. Ин як ҳодисаи табиист. Мисле, ки адабиёти классикии ҷаҳоншумули тоҷик, ки зиёда аз ҳазор сол таъриҳ дошта, ба адабиёти бисёр халқҳои дигар таъсир расондааст, фолклори деҳаи Нанай низ аз адабиёти китобатӣ шодоб аст.

Тиллочон НОСИРОВА,
фолкларшинос.

Табиби ман — ҳабиби ман

Шифокори ҳозиқ

Одамоне ҳастанд, ки бо кору рафторашон меҳри ҳамагонро соҳиб мешаванд. Шифокор Қосимҷон Рачабӣ аз ҷумлаи чунин касон аст. Ӯ соли 1962 дар оилаи шифокор ба дунё омад.

Падараш Насим-ака Рачабов ҳам шифокор буд ва ҳоло нафақахӯр мебошад. Қосимҷон баъди хатми мактаби миёна, соли 1980 хӯҷҷатҳояшро ба донишгоҳи тиббии педиатрии Осиёи миёна супурда, (СамПИ) онро соли 1986 ба охир расонад.

Баъди хатми донишкадаи тиббӣ ба зодгоҳаш қишлоқи Варганзаи ноҳияи Китоб омада, аввал ба сифати духтур ва баъди як сол ҳамчун сардухтур кор мекунад.

Аз рӯи ихтисос ӯ духтури касалиҳои рӯҳу асаб аст. Алҳол Қосим Рачабӣ фаъолияти худро дар бемористони рақами дуюми вилояти Қашқадарё идома медиҳад. Роҳбари шӯъбаи сеюми касалиҳои бачагона ва занона касалии рӯҳаст. Кӯдакон ва зананро бо усули нимгуруснагӣ муолиҷа мекунад. Ин усули олмонии табобат мебошад. Он беморонро обу тоб дода, иштиҳояшонро мекушояд. Асабҳоро ором месозад. Баъди ин гуна муолиҷа беморон батоқаттар мешаванд.

Рӯзи кори Қосим Рачабӣ аз муомилаи хуш оғоз меёбад.

Қосимҷон раиси иттифоқи касабаи бемористони дуюми вилояти Қашқадарё низ мебошад.

Мо ба шифокори ҳозиқ Қосим Рачабӣ дар фаъолияти минбаъдаи меҳнатиаш дар роҳи саломатии мардум комёбиҳои беш аз пешро таманно дорем. Илоҳо, дастони марҳамбахши ӯ ҳаргиз дардро набинанд.

Мардон АЗИМОВ,
ноҳияи Китоб.

Фазои фарҳангӣ

Об агар садпора гардад...

Агар аз Балх ё аз Қандаҳорем,
Ҳама парвардаи як кӯҳсорем.
Дар ин дунёи нопайдоканора,
Ба як киштии тӯфонӣ саворем.

Толиби ҚАНДАҲОРӢ.



Оре, аз кӯҳе бошем, парвардаи як хоку замин, зодаи як марзу диёр будаем, ки онро дар гузаштаи наздик Мовароуннаҳр ва Хуросон мегуфтанд. Халҳҳои Осиёи Марказӣ бо бародарони афғону эронии худ, ба ҳама халқиятҳое, ки дар ин қаламрав зиндагӣ мекарданд, дар тӯли қарнҳо якдилу яктан, ҳам нишоту ғамгусори якдигар будаанд. Миёни онҳо сарҳад вучуд надошт, равои тарафайн бо мақсади тиҷорат ё саёҳат, таҳсили илм ё дидор эшонро ба ҳам қаринтар мекард. Самараи меҳру оқибат ба онҳо шодкомӣ мебахшид, боғи илму ирфон ва бӯстони адабиёт бештар нашъунамо меёфт, мешукуфт.

Ёд оварем аз шоири мутафаккир Абдураҳмони Ҷомӣ ва аз шогирди сазовори ӯ Мир Алишери Навоӣ, ки чӣ тавр бо мақсади таҳсили илм аз Ҳирот ба Самарқанд, ки «сайқали рӯи замин»—аш меҳонданд, рӯй оварда буданд.

Забон як буд ё ба ҳам наздик, дилу ният як буд ва арҳонҳо муштарак ва агар миёни халҳҳо забон дигар-дигар ҳам буд, ҳамдилӣ вомедошт онҳо чун бародарони ҳамхун ба ҳам муносибат кунанд, забони якдигарро эҳтиром намоянд, ва агар имкон аст, онро биёмӯзанд ва ҳатто бо он забон асарҳо биофаранд. Чунон ки Ҳилолии астроболӣ. Вай бо форсии тоҷикӣ ончунон ғазалҳои баланд ва хушгувор гуфт, ки кас гумон намекунад, ӯ дар асл туркнажод аст.

Шоирони зуллисонайн низ кам набуданд. Бо ҳарду забон—форсию туркӣ бо риояи фасоҳат ва балоғати маънавию лафзӣ асар меофариданд.

Дуруст, дар миён гоҳо шамоли воқеаҳои нохуш низ вазида, ба вахдат ва ҳамгароии халҳҳои ҳамҷавор таҳдид мекард, вале чизе наметавонист оҳангҳои ҳамдилӣ ва паёми ошноро, ки миёни бародарҳалҳҳо буд, дарҳам бишканад. Зеро, «об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност».

Риштаҳои дӯстӣ ва равобити ҳунарию фарҳангӣ миёни халҳҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон чун дар қарнҳои пешин имрӯз низ мустаҳкам аст. Чанде аз ҳамдиёрони Навоӣ-чеҳраҳои намоёни илму ирфон дар Ватани худ—Афғонистон камол ёфта, бо тақозои тақдир имрӯз дар Ӯзбекистон кору зиндагӣ мекунанд.

Яке аз онҳо устод Абдулҳаким Шарҳии Ҷузҷонӣ буда, ӯ баъди хатми факултаи шарҳиёти Донишгоҳи Кобул (соли 1960) солҳои дароз дар вазифаҳои давлатию ҷамъиятӣ кор кардааст ва бо амри сарнавишт аз соли 1992 дар Ӯзбекистон ҳаст. Номзади илми ҳуқуқшиносист. Чанд сол дар донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд кор кард, алҳол мудири кафедраи фиқҳи Донишгоҳи исломи пойтахт мебошад.

Ҳанӯз вақте дар Афғонистон кору зиндагӣ мекард, Ҷузҷониро чун олим ва адиб дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мешиноҳтаанд. Асарҳои ӯ «Ҳуқуқшиносии ислом, мазҳаби ҳанафия ва фақеҳҳои Осиёи Марказӣ», «Тасаввуф ва инсон», «Марғиноӣ ва пайравони ӯ», ки ба таҳқиқи олами ислом, тасаввуф ва бузургдошти алломаҳои исломшиносе бахшида шудаанд, қимати баланди илмию ирфонӣ доранд ва аз ҷониби муҳаққиқони борикбину хонандагони ҳушманд баҳои арзанда гирифтаанд.

Китобҳое, ки номбар шудаанд, бо забони ӯзбекӣ таълиф ёфтаанд. Бо забони дарӣ бошад, устод Ҷузҷонӣ бо номи «Донишманди пешоҳанг Абӯрайҳон Берунӣ», «Табиб ва файласуф», «Абӯ Алӣ ибни Сино» ва дигар рисолаҳоро ба нашр расонд, ки ҷумла китобҳои рӯимизии алоқамандони адабиётшиносии шарқ қарор гирифтаанд. Рисолаи «Муаллими сонӣ»-и Абӯбакри Форобӣ» низ таҳти эҳтимоми ӯ ҷомаи табъ ба бар кард. Китоби «Абурайҳон Берунӣ—ифтихори шарқ» дар кашфи паҳлӯҳои тозаи зиндагинома ва эҷодиёти Берунӣ кӯмак расонд.

Абдулҳаким Шарҳии Ҷузҷонӣ чун мутарҷим аз забонҳои арабию ӯзбекӣ ба форсӣ асарҳои ҷолибро ҳуҷодона баргардондааст. Романи «Навоӣ»—и Ойбек, «Достони ду дил»—и Шароф Рашидов, «Маро ба ёд ор» ва «Дувоздаҳ зан»-и Юсуф Сибоӣ, «Оҳанги шабовез»-и доктор Тоҳо Ҳусайн аз ҳамин қабиланд.

(Давомаш дар саҳ.4).

Об агар садпора гардад...

(Аввалаш дар сах.3)

Ҷуз ин устод Ҷузҷонӣ шоири дузабона аст—ҳам бо дарӣ ва ҳам бо ӯзбекӣ ашъори зиёде гуфта. Хонандагон хоссатан аз «Амударё» ном мунтахаботи ашъораш дилгармии беш ёфтаанд. Вай бо чанде аз шоирони муосир, муҳаққиқон ва арбобони фарҳанги ӯзбеку тоҷик, аз қабили Эркин Воҳидов, Озод Шарофиддинов, Ҳамидҷон Ҳомидӣ ва дигарон ҳамкориҳои эҷодӣ дорад.

Он гуна, ки дар боло зикр намудем, Абдулҳамид Шаръии Ҷузҷонӣ ҳуқуқшинос аст. Ӯ бо ҳамқаламиён профессор Акмал Саидов китоберо бо номи «Шарқ ва ҳуқуқҳои инсон» таълиф намудааст, ки аз он нафақат донишҷӯёни риштаи ҳуқуқ, балки алоқамандон ва шавқмандони ин соҳа истифода карда метавонанд.

Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ қариб сад мақолаю гузоришоти илмию адабии Ҷузҷонӣ ба табъ расидаанд.

Ҳанӯз тирамоҳи соли 1991, вақте Ӯзбекистон нав соҳибистиқлол гардид, Ҷузҷонии он вақт сокини Афғонистон ба кишваре бо ин ном назари неки худро изҳор дошт ва онро дар панҷ шумораи рӯзномаи «Ҳивод» қаламӣ сохт. Мақолаи ӯ «Ӯзбекистони мустақил дар масири инкишоф» ном дошта, диққати умумро ба худ ҷалб намуд. Баъдтар ин гузориш ба ӯзбекӣ низ тарҷума ва дар ҳафтаномаи «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» ба табъ расид.

Устод Абдулҳакими Ҷузҷонӣ доири равобити фарҳангию адабии халқҳои ҳамчавор ҳарф зада, иброз медорад, ки агар миёни мардумони ин диёр, ки ба чанд забон ҳарф мезананд, пайвандӣ ва риштаи меҳр набуд, чӣ тавр забони яқдигарро омӯхта ва ба он, чун нишонаи эҳтиром, эҷод мекарданд;

Устод Ҷомӣ низ бо ӯзбекӣ шеърҳо гуфтааст. Ҷуз ин Лутфӣ, ки назари эҳтиром ба Навоӣ дошт, бахшида ба ӯ муламмаъ сурудааст, ки як мисрааш тоҷикӣ ва мисраи дигар ӯзбекист.

Шоири тавонои Афғонистон Халилуллоҳи Халилӣ боре ба Ӯзбекистон омада бо Ғафур Ғулом мулоқот ороста буд.

Ғафур Ғулом, бардошти худро аз ин сӯҳбат бад-ин зайл ифода кардааст:

Ин Халили раҳмонист?
Ё Халили афғонист?

Худи ман ҳам борҳо ба Ӯзбекистон омада ва аз сӯҳбати соҳибдилони он бархурдор шуда будам. Мулоқоти яксоатаам бо адиб ва арбоби барҷастаи давлат Шароф Рашидов хоссатан фаромӯшнопазир буд. Баъде, ки тақдир маро ба ин кишвар овард, бо як қатор равшанфикрон муносибати дӯстӣ ва ҳамкорӣ барқарор кардам. Қаринӣ бо адибони барҷаста Абдулло Орифов, Эркин Воҳидов, олимон Ориф Усмонов, Ҳамидҷон Ҳомидӣ, Шоислом Шомуҳаммедов, рӯзноманигор Ҳисомиддин Абдувалиев ва дигарон бароям гуворост.

Ӯзбекистон, метавон гуфт, имрӯз маркази афғоншиносӣ қарор гирифтааст. Олимоне аз қабили Абдураҳим Маннонов ва Ориф Усмонов дар заминаи равобитҳои фарҳангию таърихии халқҳои ӯзбеку афғон корҳои тадқиқотӣ пеш мебаранд».

Гунае зикр шуд, устод Абдулҳаким Ҷузҷонӣ табъи шоирӣ низ дорад ва шеърҳои хубе гуфтааст:

Умре гузашт, аз мани
мачрӯҳ, сар назад,
Ё раб, тавони нолаву
оҳи шабонае.
Не нолаи расою на
озодии чаман,
Чун ман мабод
булбули беошёнае.

Устод Ҷузҷонӣ ҳамеша серкор аст: кори кафедра, дарс, ташвиши рӯзгор. Зудзуд занги телефони коргоҳаш садо медиҳад— аз ӯ суол мекунанд, кӯчое мехонандааш... Ва ӯ аз ин дарҳостҳо, асло малӯл намешавад. Баръакс, аз он ки ҳанӯз дар мадди назарҳост, худро хушбахт ҳис мекунад.

Муҳаммад ШОДӢ.



Шӯъбаи таъминоти иҷтимоии ноҳияи Чинози вилояти Тошканд дар бобати хизмат ба аҳолӣ аз пешқадамтарин бахшҳои таъминоти иҷтимоии вилояти номбурда ба шумор меравад. Кормандони шӯъба баҳри сари вақт ва мунтазам расонда додани маош ва нафақаи шаҳрвандон таҳтидилона кор мекунанд. Дар ин ҷо кор дар асоси фармон ва қарору қонунҳои Президенти мамлакат ва ҳукумати кишвар ба амал бароварда мешавад.

Дар сурат: (аз чап ба рост). Сармутахассиси шӯъбаи таъминоти нафақа **Муҳайё Кӯчқорова**, мудири шӯъбаи таъминоти иҷтимоӣ **Фарҳодҷон Азимҷонов** ва муовини мудири шӯъбаи кӯмаки иҷтимоӣ, оператори ЭВМ **Мӯҳтабар Солиева** дар сари кор.

Суратгир: Ҳусанбой АВВАЛОВ.

Муштариёни азиз! Инак, гӯшаи нав ба таваҷҷӯҳи шумо пешкаш мешавад. Хадаф аз он ҳар чи бештар ҷалб намудани хонандагон ба рӯзномаи ягонаи тоҷикии ҷумҳурӣ аст, то шумораи шавқмандони «Овози тоҷик» боз ҳам биафзояд.

Муассиси гӯшаи нав— журналисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон Маъруф Отахонзода (М. Раҳгузар) ният дорад, ки аз ҳаёт ва фаъолияти қаламкашони пешин ва муосири мо маълумотҳои мӯъҷазу дилпазир ба табъ расонад.

Ҷавобҳои мухтасари пурмӯҳтаво ва ҷолиби хонандагони рӯзнома дар шумораҳои минбаъда чоп карда хоҳанд шуд.

АЗ ИДОРА.

КИСТ-ОНҳо?

1. Барои хатои техникӣ — се сол бадарға

Ӯро дар адабиёти ду даҳсолаи аввали асри гузашта (яъне солҳои 1910-20) чун муаллифи асарҳои саҳнавӣ, муаллифи китобҳои дарсии мактабҳои нав, чун рӯзноманигор ва шоир мешинохтанд. Ӯ дар соли 1910 асари маорифпарвари машҳур Мунавваркорӣ «Ақидаи исломия»-ро аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума карда паҳн менамояд. Дар соли 1913 асари профессор, олим, шоир, яке аз саромадони равияи ҷадидия Фитрат «Мунозира»-ро аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷума карда онро дар «Туркистон вилоятининг газетаси» ба табъ мерасонад. Ӯ дар соли 1918 ба рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» муҳаррир буд. Песаҳои «Тӯй», «Бой ва хизматкор», «Кӯкнорӣ», «Мазлума хотин», «Чувонбозлик курбони», «Қози ила муаллим», «Мактаби кӯҳна—мактаби нав» ба қалами ӯ мансубанд. Асари дар охир номбаршуда 21 июни соли 1918 барои мактаббачаҳо дар саҳнаи мадрасаи Шердори Самарқанд ба маърази намоиш қарор гирифтааст. Он солҳо бисёр асарҳои ӯро ба дигар забонҳо (русӣ,яҳудӣ) низ тарҷума карда ба саҳна гузоштаанд.

Ӯ дар рӯзномаҳои «Самарқанд», «Оина», «Овози тоҷик» на фақат бо мақолаву ашъор ва осораш иштирок дошт, инчунин ходими адабӣ низ будааст. Соли 1929, ҳангоми дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» чун ходими адабӣ ва мусаҳҳеҳ кор кардан барои роҳ додан ба чанд хатои техникӣ аз вазифа сабукдӯш ва ба мӯҳлати се сол ба Сибир бадарға карда мешавад.

Ӯро яке аз асосгузорони театри ӯзбек медонанд. Ӯ дар Самарқанд ба кушодани мактаби нав муваффақ мешавад. Китобҳои дарсии мактаби ӯ ба қалами худаш мансубанд. Рисолаҳои устоди худ Беҳбудиро оид ба география ва таърих аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷума намудааст. «Раҳнамои савод», «Раҳбари бесавод», «Гулдастаи ҳаёт», «Ақидаҳои исломия» барин асарҳои ӯ, ки баъзеи онро дар ҳамкорӣ бо дигарон навишта буд, ба мактабҳои ҷадидия ройгон тақсим мешуданд ва байни мардум қобили эътибор ва соҳиби эътироф шудаанд.

Кист, ин адиб, рӯзноманигор, маорифпарвар, муаллими навовар ва тарҷумони моҳири солҳои бисти адабиёти ӯзбек ва тоҷик?

TV Барнамаи ҳафтаина

Аз 15 то 21 сентябр

ДУШАНБЕ 15

Ӯзбекистон I

15 00 Таҳлилнома. 15.45 Аз намоиш то намоиш. 16.05 Дар хонаи обод одамони пок умр ба сар мебаранд. 16.25 ТВ клип. 16.30 Сериали «Камилла». 17.00 Соҳибони оянда.Телебозии «Тоҷи тиллоӣ». 18.00 Навигариҳо. 18.10 Телефилми «Заррачашмаи Шарқ». 18.25 Мероси тиллоӣ. 18.45 Сипар. 19.05 Мулкдор. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Ахбори биржа ва бонк. 20.30 Ахбор. 21.05 Соли 2003—Соли маҳаллаи обод» Дар сафи аксарият. 21.25 Сериали «Камилла». 21.55 Репортаж. 22.00 Қисми панҷуми видеофилми «Қасос». 22.40 Сурудамон пешкаши шумо. 23.00 Сериали «Ҷопон:тарзи зиндагӣ» 23.20 Ахбор дайҷест. 23.40 Тимсоли ватан.

Ӯзбекистон II

17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 Чӯғрофияи ҷаҳон. 17.55 Почтаи «Авлоди нав». 17.10 Мултфилм. 17.30 Қарзи муқаддас. 18.50 Мероси тиллоӣ. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Ҷамоли диёрам.20.00 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.10 Об — манбаи ҳаёт. 20.15 Овози ҷавонон. 20.35 ТВ адвокат. 20.40,21.25,22.35 Эълонҳо. 20.45 Сериали «Гвадалупе». 21.30 Ҳамсинни деҳотиам. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Варзиш. Интерфутбол. 0.25 Шаб ба хайр.

Ӯзбекистон III

17.10 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 17.50 Ахбори хориҷ (русӣ). 18.00,22.10 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Экран ба хурдтаракон. 18.30,20.00,20.40,22.15 Пойтахт. 18.45 Табрику муборакбод мекунем. 19.05 Ахбори хориҷ. 19.15 Сериали «Азоби ҷудой» 20.20 Дар роҳи сиҳҳатии мардум. 20.55 Автонавигариҳо. 21.10 Хусусигардонӣ: давра ба давра. 21.30 Серияи хотимавии «Бозгашт ба Эдем».35 Кинонигоҳ. «Муҳаббати беполӣ» 23.50 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ӯзбекистон IV

16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.15 Хонаи ханда. 17.05 Навигариҳои Евронюс. 17.30 «Генерал шудан хуб». М. Танич 80 сола шуд. 18.00 Сериали «Замини боварӣ ва муҳаббат». 19.00 Маро интизор бош. 20.00 Время. 20.30 Сериали «Ду тақдир» 21.40 Тичорат ревю. 21.35 Афсонаи Миср. 22.15 «Афсонаи илму фан». 23.00 Ахбор. 23.35 Филми бадеии «Зани сурудхон» 00.35 Шаб ба хайр.

СЕШАНБЕ 16

Ӯзбекистон I

6.00 Ассалом, Ӯзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35 Тв маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Телефилмҳои «Водил», «Чорток». 9.20 Дунёи рангин. 9.40 Мулкдор. 10.00,12.00,14.00,18.00 Навигариҳо. 10.05 Барои бачаҳо кинодастури «Камалак». 11.15 Танаффуси мусиқӣ. 11.30 Теннис: дирӯз ва имрӯз. Намоиш ба пешвози чемпионати Осиё. 12.05 Дар сафи аксарият. 12.25 Фарз ва қарз. 12.40,13.50 ТВ клип. 12.50 Варзиши бачаҳо: стадиони маҳаллаамон. 13.10 Қисми панҷуми видеофилми «Қасос» 14.10 Муносибат. 14.40 Сериали «Роҳи бузурги абрешим». 15.30 Нағзӣ. 16.10 Сериали «Камилла». 16.40 Аския. 17.00 Ба ватанам хизмат мекунам. 18.10 Телешоу: «Ҷазираи саргузаштҳо». 18.40 Репортаж. 18.45 Ҷаҳворои тиллоӣ. 19.05 Тафсилот. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо: 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ӯзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Истеъмолгар. 21.25 Сериали «Камилла». 21.55 Таронаҳои Шарқ. 22.16 Қисми шашуми видеофилми «Қасос». 22.55 Ахбор дайҷест. 23.15 Қисми якуми филми бадеии «Ман — Тӣншонам». 00.15 Тимсоли ватан.

Ӯзбекистон II

6.55 Эълони намоишҳо. 7.00 Субҳи мунаввар. 9.00 Давр. 9.15 Шарҳи ТВ. 9.20 Студияи «Авлоди нав» Танаффуси калон. Бачаҳои шум. 9.55 Қисми якуми сериали «Чивз ва Вустер».10.45 ТВ адвокат. 10.50 Кинотақдим. 11.10 Сериали «Гвадалупе». 11.50 Овози ҷавонон. 12.10 Қисми чоруми филми бадеии «Ясон ва Аргонатҳо». 12.55 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 13.00 Давр. 13.10 Шарҳи Тв. 13.15 Намоиш аз силсилаи «Азизам». Қисми якуми «Хонае дар ҳорроҳа». 13.35 Интерфутбол. 15.25 Қисми сеюми филми маърифатии «Дунёи пеш аз эраамон». 15.50 Ҳамсинни деҳотиам. 16.10 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 16.20 Дастури маърифатии «Сайёраи сеюм». 17.10 Эълони намоишҳо. 17.15 Студияи «Авлоди нав». Дунё ва бачаҳо. 17.35 Сабаҳҳо оиди андоз. 17.50 Овози ҷавонон. 18.10 Ҳазору як маслиҳат. 18.30 Автопатрул. 18.50 Мероси тиллоӣ. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Давр сӯҳбат. 19.50 Шарҳи ТВ. 19.55 Дидор. 20.15 Об — манбаи ҳаёт. 20.20 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.30 ТВ адвокат. 20.35, 21.20, 22.35 Эълонҳо. 20.40 Сериали «Гвадалупе». 21.25 Фарзандони диёри озод. 21.45 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Варзиш. Нокаут,теннис. 23.45 Шаб ба хайр.

Ӯзбекистон III

17.10 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 17.50 Ахбори хориҷ (русӣ). 18.00,21.45 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Ҳимоя. 18.30, 20.00, 21.30, 22.10 Пойтахт. 18.45 Табрику муборакбод мекунем. 19.05 Ахбори хориҷ. 19.15 Сериали «Азоби ҷудой». 20.20 Дар роҳи сиҳҳатии мардум. 20.35 Автонавигариҳо. 21.10 Хусусигардонӣ: давра ба давра. 21.30 Серияи хотимавии «Бозгашт ба Эдем».35 Кинонигоҳ. «Муҳаббати беполӣ» 23.50 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ӯзбекистон IV

6.00—8.00 Намоишҳои ТҶР. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.15 Аншлаг. 17.00 Навигариҳои Евронюс. 17.20 Одамони машҳур. Л. Касаткина. 18.00 Сериали «Замини боварӣ ва муҳаббат». 18.50 Сериали «Дилбанду чигарбандҳо». 19.30 Бо ҳамроҳии Т. Полонская. 20.00 Время. 20.30 Сериали «Ду тақдир». 21.40 Тичорат ревю. 21.45 Х. Варзиш. 22.05 Хроника. 22.15 Навигариҳои Ӯзбекистон ба забони англисӣ. 22.25 Ахбор. 23.00 Филми бадеии «Гранд Отел». 00.45 Шаб ба хайр.

ЧОРШАНБЕ 17

Ӯзбекистон I

6.00 Ассалом, Ӯзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.45 ТВ маркет. 8.45 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Телефилми «Бойсун». 9.20 Ҷаҳворои тиллоӣ. 9.40 Тафсилот. 10.00,12.00,14.00,18.00 Навигариҳо. 10.05 Филми бадеии «Вориси ношинос». 11.25 Теннис: дирӯз ва имрӯз. Намоиш пеш аз оғози чемпионати Осиё. 11,55,13.25 Шарҳи ТВ. 12.05 Қисми якуми «Давраи духтарон». 13.30 Истеъмолгар. 13.50 Танаффуси мусиқӣ. 14.10 Сериали «Роҳи бузурги абрешим». 15.00 Дар оилаи ягона. 15.30 Қисми шашуми видеофилми «Қасос». 16.10 Бастакорони Ӯзбекистон. 16.30 Сериали «Камилла». 17.00 Воҳуриҳои шавқбахш.Осмони мусаффои бачагӣ. 18.10 Мувозинат. 18.30 Телелотереяи «Умид». 18.55 Мероси аҷдодон. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Рӯ ба рӯ. 20.30 Ахбор. 21.05 Таҳлили журналист. 21.25 Қисми хотимавии сериали «Камилла». 21.50 ТВ клип. 22.00 Қисми ҳафтуми видеофилми «Қасос». 22.40 Ахбор дайҷест. 23.00 Қисми дуюми филми бадеии «Ман Тӣншонам».00.10 Тимсоли ватан.

Ӯзбекистон II

6.55 Эълони намоишҳо. 7.00 Субҳи мунаввар. 9.00 Давр. 9.15 Шарҳи ТВ. 9.20 Студияи «Авлоди нав». Дунё ва бачаҳо. 9.55 Қисми дуюми сериали «Чивз ва Вустер». 10.45 ТВ адвокат. 10.50 Давр сӯҳбат. 11.05 Уфуқҳои тараққиёт. 12.25 Сериали «Гвадалупе». 12.05 Овози ҷавонон. 12.25 Шарҳи ТВ. 12.30 Ҷамоли диёрам. 12.50 Сурудҳои бачагии хушбахтона. 13.00 Давр. 13.10 Шарҳи ТВ. 13.15 Намоиш аз силсилаи «Азизам». Қисми дуюми «Хонае дар ҳорроҳа». 13.45 Варзиш. Нокаут,теннис. 14.45 Автопатрул. 15.05 Чӯғрофияи ҷаҳон. 15.55 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 16.05 Шарҳи ТВ. 16.10 Филми бадеии «Калон шуданро намехоҳам.» 17.20 Эълони намоишҳо. 17.25 Студияи «Авлоди нав». Кабӯтари сафед, ҳама чизро донистан мехоҳам. 17.50 Мултфилм. 18.00 Одамони диёри офтобӯя. 18.15 Шарҳи ТВ. 18.20 Овози ҷавонон. 18.40 Каталог. 18.50 Мероси тиллоӣ. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Телебозии «Зина ба зина». 20.00 Спортлото. 20.10 Таҳсим ба замин. 20.40 ТВ адвокат. 20.45, 22.35 Эълонҳо. 20.50 Сериали «Гвадалупе». 21.30 Асрори чемпион. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Варзиш. Интерфутбол. 0.25 Шаб ба хайр.

Ӯзбекистон III

17.10 Эълони намоишҳо. 18.20 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 18.50 Ахбори хориҷ (русӣ). 18.00,20.40 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Меҳмонхонаи мусиқӣ. 18.30,20.00,21.05,22.00 Пойтахт. 18.45 Табрику муборакбод мекунем. 19.05 Ахбори хориҷ. 19.15 Сериали «Азоби ҷудой». 20.20 Қалби зан. 20.45 Ҳамсӯҳбат. 21.20 Сериали «Бахти лулӣ». 22.20 Кинонигоҳ. Қисми якуми «Саргузаштҳои Гулливер». 23.35 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ӯзбекистон IV

6.00—800 Намоишҳои ТҶР. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.15 Ҳуд ба ҳуд режиссёр. 17.00 Навигариҳои Евронюс. 17.30 Панорамаи ҳандаи Е. Петросян. 18.00 Сериали «Замини боварӣ ва муҳаббат». 18.50 Консерт. 20.00 Время. 20.30 Сериали «Ду тақдир». 21.40 Тичорат ревю. 21.45 Оҳангҳои ҳинд. 22.15 Х—варзиш. 22.35 Филми бадеии «Қасоси Миледи». 00.10 Ахбор. 00.45 Шаб ба хайр.

ПАНҶШАНБЕ 18

Ӯзбекистон I

6.00 Ассалом, Ӯзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35 Тв маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Экран ба хурдтаракон. Воҳуриҳои шавқбахш, осмони мусаффои бачагӣ. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Қисми якуми филми бадеии «Колонна». 11.10 Олами мусиқии симфонӣ. 11.30 Теннис: дирӯз ва имрӯз, намоиш ба пешвози чемпионати Осиё. 12.05,16.40 Шарҳи ТВ. 12.10 Қисми дуюми «Давраи духтарон». 13.10 Таҳлили журналист. 13.30 Мероси аҷдодон. 14.10 Сериали «Роҳи бузурги абрешим». 15.00 Меҳр мемонад. 15.20 Сериали «Камилла». 15.35 Танаффуси мусиқӣ. 16.00 Қисми ҳафтуми видеофилми «Қасос». 16.45 Сурудам, сурудакам. Тамошоҳои сирк. 17.45 Шарҳи байналхалқии «Харита». 18.10 Ёди одамони хуб. 18.30 Модари сиҳҳат — фарзанди солим. 18.50 Таронаҳои Шарқ. 19.05 Ҳаёт ва қонун. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ӯзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Филми ҷуҳатии «Ғафлат». 21.20 Телемулоқот. 22.00 Қисми ҳаштуми видеофилми «Қасос». 22.40 Баромади ҳофизони халқӣ. 23.00 Варзиши бачаҳо. Як умр ҳамроҳам. 23.20 Ахбор дайҷест. 23.40 Тимсоли ватан.

Ӯзбекистон II

6.55 Эълони намоишҳо. 7.00 Субҳи мунаввар. 9.00 Давр. 9.15 Шарҳи ТВ. 9.20 Студияи «Авлоди нав». Кабӯтари сафед, ҳама чизро донистан мехоҳам. 9.55 Сериали «Чивз ва Вустр». 10.45 ТВ адвокат. 10.50 Шуҳоҳои тафаккур. 11.05 Овози ҷавонон. 11.25 Сериали «Ғвадалупе». 12.05 Қитъаи варзиш. 12.30 Варзиш. Нокаут,теннис. 23.45 Шаб ба хайр.

Ӯзбекистон III

17.10 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 17.50 Ахбори хориҷ (русӣ). 18.00,20.35 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Экран ба хурдтаракон. 18.15 Навниҳол. 18.30,20.00, 20.40,21.35 Пойтахт. 18.454 Табрику муборакбод мекунем. 19.05 Ахбори хориҷ. 19.15 Сериали «Азоби ҷудой». 20.20 Қарз ва масъулият. 20.55 Сериали «Бахти лулӣ». 21.55 Қисми дуюми филми бадеии «Саргузаштҳои Гулливер». 23.10 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ӯзбекистон IV

6.00—7.00 Намоишҳои ТҶР. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.15 Мултсеанс. 16.35 Муҷизаҳои нави дунё. 17.00 Навигариҳои Евронюс. 17.20 «Хандаи оддӣ». 17.50 Сериали «Замини боварӣ ва муҳаббат». 18.50 Сериали «Дилбару чигарбандҳо». 19.30 «Томас Эдисон ва чарогҳои электрикӣ». 20.00 Время. 20.30 Сериали «Ду тақдир». 21.40 Тичорат ревю. 21.45 Одамони кордон. 22.05 Навигариҳои Ӯзбекистон ба забони англисӣ. 22.15 Ахбор. 22.50 Филми бадеии «Зару зеварҳои шоҳдухтар». 00.30 Шаб ба хайр.

ҶУМЪА 19

Ӯзбекистон I

6.00 Ассалом, Ӯзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35,17.55 Тв маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Сурудам, сурудакам. Тамошои сирк. 10.00, 12.00,14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Қисми дуюми филми бадеии «Колонна». 12.10 Ҳаёт ва қонун. 12.30 Теннис: дирӯз ва имрӯз. Намоиш пеш аз чемпионати Осиё. 12.05 Шарофати афсонаҳо. 13.05 Шарҳи ТВ. 13.10 Варзиши бачаҳо. Як умр ҳамроҳам. 13.30 Кинотеатр. 13.50, 16.10 ТВ клип. 14.10 Телемулоқот. 14.50 Ҷавҳари қалб. 15.10 Муҳлис ё ҳуд аз паи суруд. 15.30 Қисми ҳаштуми видеофилми «Қасос». 16.20 Ситораҳои ҷавон, телемусобиқаи «Фикр кун, чӯй, ёб» мултфилм. 17.40 Манзилҳои нурафшон. 18.10 Саро ҷавониам. 18.30 «Иқтидор» телебозии интеллектуалӣ. 19.05 Студияи «Зиё» дар роҳи мустаҳкамии эътиқод. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Як чӯфт суруд. 20.30 Ахбор. 21.05 Муносибат. 21.35 Қисми нӯҳуми видеофилми «Қасос».22.15 ТВ клип. 22.25 «Агар шумо». Токшоу. 22.55 Ахбор дайҷест. 23.15 Тимсоли ватан.

Ӯзбекистон II

6.55 Эълони намоишҳо. 7.00 Субҳи мунаввар. 9.00 Давр. 9.15 Шарҳи ТВ. 9.20 Студияи «Авлоди нав», биёед шиноҳ шавем. 9.40 Мултҳамошо. 9.55 Қисми чоруми сериали «Чивз ва Вустер». 10.45 ТВ адвокат. 10.50 Давр сӯҳбат. 12.05 Ҳазору як маслиҳат. 11.25 Сериали «Ғвадалупе». 12.05 Овози ҷавонон. 12.25 Фарзандам, чигарбандам. Лавҳаҳо аз ҳаёти маҳалла. 12.50 Оҳангҳои фестивали «Таронаҳои Шарқ». 13.00 Давр. 13.10 Шарҳи ТВ. 13.15 Намоиш аз силсилаи «Азизам» қисми сеюми «Хонае дар ҳорроҳа». 13.45 Интерфутбол. 15.25 Таҳсим ба замин. 15.55 Қисми чоруми филми маърифатии «Дунёи пеш аз эраамон». 16.20 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 16.30 Одамони диёри офтобӣ. 16.45 Шарҳи ТВ. 16.50 Фарзандам— чигарбандам. Лавҳаҳо аз ҳаёти маҳалла. 17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Студияи «Авлоди нав». Биёед шиноҳ шавем. 17.40 Овози ҷавонон. 18.00 Сират. 18.20 Шарҳи ТВ. 18.25 Дар олами табобат. 18.50 Мероси тиллоӣ. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Давр сӯҳбат. 19.50 Шарҳи ТВ. 19.55 Ҳандалак ҷамъ. 20.00 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.10 Мутолиа. Мақсуд Шайхзода. 20.30 ТВ адвокат. 20.35,21.20,22.35 Эълонҳо. 20.40 Сериали «Ғвадалупе». 21.25 Бегойим. 21.45 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Варзиш. Интерфутбол. 0.25 Шаб ба хайр.

Ӯзбекистон III

17.10 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 17.50 Ахбори хориҷ (русӣ). 18.00,20.35 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Шоми хайр. 18.30, 20.00, 20.40, 22.25 Пойтахт. 18.45 Табрику муборакбод мекунем. 19.05 Ахбори хориҷ. 19.15 Сериали «Азоби ҷудой». 20.20 Қисми навбатдор. 20.55 Дар хизмати мардум. 21.15 Сериали «Сонатаи зимистон». 22.45 Кинонигоҳ. «Ба дарахт печида». 00.15 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ӯзбекистон IV

6.00—7.00 Намоиши ТҶР. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.15 Мултсеанс. 16.35 Одамони машҳур. Анни Жирардо.17.00 Навигариҳои Евронюс. 17.25 Детективи ҳуҷҷатӣ. 18.00 Одамони машҳур. Брюс Ли. 18.50 Майдони муҷизаҳо. 20.00 Время. 20.30 Тичорат ревю. 20.35 Дурдаршан. 21.00 Хит парад. 21.30 Ситораҳои ҷаҳон. 21.50 Киномазҳакаи «Мэриро ҳама навозиш мекунанд.» 00.10 Ахбор. 00.45 Шаб ба хайр.

ШАНБЕ 20

Ӯзбекистон I

6.00 Ассалом, Ӯзбекистон.8.00 Ахбор. 8.35 Тв маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Ситораҳои ҷавон, телемусобиқаи «Фикр кун, чӯй, ёб». Мултфилм. 10.20 Студияи «Зиё» Дар роҳи мустаҳкамии эътиқод. 10.40 Турфа олам. 11.30 Теннис: дирӯз ва имрӯз намоиш пеш аз чемпионати Осиё. 12.00,15.10 Шарҳи ТВ. 12.05 Қисми якуми филми бадеии «Шаъни оилаи Присиҳо». 13.10 Умри ба санъат бахшидашуда. 13.30 Қисми дуюми «Шаъни оилаи Присиҳо». 14.30 Ҷараёни адабӣ. 14.50 Истеъдод. 15.15 Қисми нӯҳуми видеофилми «Қасос». 15.55Дар оилаи ягона. 16.25 Телешоуи «Ҷазираи саргузаштҳо». 17.00 ТВ клип. 17.10 Дунёи рангин. 17.30 Футбол. «Пахтакор»—«Навбаҳор». Дар таннаффус як чӯфт суруд. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ӯзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Дар хонаи обод одамони пок умр ба сар мебаранд. 21.25 Қисми даҳуми видеофилми «Қасос». 22.05 Таронаҳои эстрадӣ. 22.20 Телешоу: «Гап баромад». 23.05 Ахбор дайҷест. 23.25 Филми бадеии «Рӯҳи мададкор». 00.50 Тимсоли ватан.

Ӯзбекистон II

6.55 Эълони намоишҳо. 7.00 Субҳи мунаввар. 9.00 Давр. 9.15 Нигоҳи Давр. 9.35 Шарҳи ТВ. 9.40 Студияи «Авлоди нав». Ӯ кист? Ин чист? 10.00 Экран ба хурдтаракон. «Асрори Кӯзпушт». 10.50 Дар олами табобат. 11.15 Сериали «Ғвадалупе». 11.55 Дастури мусиқӣ. 12.10 Шоҳони ринг. 13.00 Азизам. 13.25 Шарҳи ТВ. 13.30 Филми бадеии «Воҳурӣ дар канори дарё». 15.00 Фарзандони диёри озод. 15.20Театри студияи «Ҳаҳҳаҳа» намоиш медиҳад. 15.50 Шарҳи ТВ. 15.55 Ҳамкасб. 16.15 Сериали экспедисия. 17.05 Ҳамсинни деҳотиам. 17.25 Эълони намоишҳо. 17.30 Студияи «Авлоди нав». Бекор нашин. 17.55 Мултфилм. 18.15 Асрори тандурустӣ. 18.35 Шарҳи Тв. 18.40 Каталог. 18.50 Мероси тиллоӣ. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Давр репортаж. 19.45 Шарҳи ТВ. 19.50 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.00 Меҳмони ғайричашмдошт. 20.20, 21.10, 22.35 Эълонҳо. 20.25 Филми бадеии «Саворои бесар». Қисми якум. 21.15 Оҳанрабо. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Қисми якуми филми бадеии «Лагаан». 0.35 Шаб ба хайр.

Ӯзбекистон III

17.10 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 17.50 Мултчархифалак. 18.10,21.40 Телегазетаи «Экспресс». 18.15 Ҳамчун гавҳар. 18.30 Афиша. 18.50 Табрику муборакбод мекунем. 19.10 Телефилми «Олами дар рӯи сафол аксёфта». 19.25 Модари даремҳрам. 19.40 Чӯғрофияи ҷаҳон. 20.10 Хусусигардонӣ: давра ба давра. 20.30 Сериали «Сонатаи зимистон». 21.45 Кинонигоҳ «Рӯҳи маҳбуб». 00.15 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ӯзбекистон IV

9.05 Эълони намоишҳо. 9.10 Лаззат. 9.30 Филми бадеии «Бетховени сеюм». 11.00 Мусиқӣ. 11.30 Як соати бачаҳо. 13.00 Видеоканали «Дӯстӣ»: Дар хонадони сахӣ, Умид,Чинсен. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Мултсеанс. 16.25 Донистан мехоҳам. 16.40 Ассалом, Франсия. 16.55 Муҷизаҳои нави олам. 17.20 Намоиши ҳаҷвии «Ҳазл аз паси ҳазл». 18.10 Телебозии «Кӣ миллионер шудан мехоҳад?». 19.10 «Кармад